Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Омӯхтани сабаб ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон яке аз вазифаҳои муҳимтарини олимони ҷомеашинос мебошад.

Зеро доир ба ин масъала андешаву таҳқиқоти муътамади олимон бояд нақши ҳалкунанда дошта бошад, то ин ки ҳодисаҳои даҳшатноку фоҷиабори гузашта барои наслҳои ояндаи халқамон дарси ҳушёрӣ ва ибрат гарданд.

Бо дарназардошти вазъи ҳассосу печидаи ҷаҳони муосир олимону донишмандони мамлакат бояд ба масъалаҳои тавсеаи мафкураи миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, иттиҳоди нерӯҳои созандаи кишвар ва ҳифзи манфиатҳои стратегии Тоҷикистон, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ, инчунин таҳқиқи масоили демократикунонии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоии худ навсозиҳои соҳаи тандурустиро идома дода, маблағгузории соҳаро дар соли 2015 нисбат ба соли гузашта 10 фоиз зиёд пешбинӣ намудааст.

Соли 2014 шароити инфрасохтори соҳаи тандурустӣ хеле беҳтар гардида, кумакҳои аввалияи тиббию санитарӣ тавсеа ёфтанд.

Дар ин давра як қатор муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бунёд ва таъмиру азнавсозӣ гардиданд.

Ҳамчунин, барои пешгирӣ ва паст намудани шиддати бемориҳои сироятӣ, таъмини шаҳрвандон бо маводи босифати доруворӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдак ва омода намудани мутахассисон як қатор тадбирҳои муассир амалӣ карда шуданд.

Дар даврони истиқлолият барои рушди соҳаи тандурустӣ илова ба маблағҳои аз буҷет ҷудошуда 107 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст.

Ҳоло дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар илова ба маблағҳои буҷетӣ татбиқи 38 лоиҳа ба маблағи 570 миллион сомонӣ идома дорад.

Чораҳои зикршуда, аз ҷумла ворид намудани таҷҳизоти муосир ва технологияҳои замонавӣ боиси беҳтар шудани сифати ташхис, муоина ва табобати беморон гардиданд.

Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз ба кишварҳои хориҷӣ барои табобат рафтани шаҳрвандони мо хеле кам шудааст.

Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо кадрҳои баландихтисос, сатҳи дониши касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи тиббӣ, аз ҷумла доир ба истифодаи таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ ва ташхису табобати як қатор бемориҳо беҳбудиро тақозо мекунад.

Фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ вобаста ба дастгирии маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад ва масъулони соҳа вазифадоранд, ки дар асоси таҳлили ҳаматарафа доир ба рафъи камбудиву мушкилоти ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Умуман, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷараёни татбиқи санадҳои барномавии соҳаро зери назорати қатъӣ қарор дода, барои боз ҳам беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ чораҷӯӣ намояд.

Ҳамчунин, тақвият бахшидани имкониятҳои соҳа, баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд таҳти назорати доимии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарор дода шаванд.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳукумати кишвар ба инкишофи бонизоми фарҳанг ва махсусан масъалаҳои боло бурдани фарҳанги ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, эҳёи анъанаву ҳунарҳои мардумӣ, рушди санъату мусиқӣ ва театр таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Ҳукумат дар муддати даҳ соли охир танҳо барои таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ қариб 3 миллиард сомонӣ равона карда, аксари осорхонаҳо, қасру марказҳои фарҳангӣ, қалъаву шаҳрҳои бостонӣ, мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва дигар мероси моддиву маънавии халқамонро азнавсозӣ намуд.

Вале бояд гуфт, ки бо вуҷуди тадбирҳои то ба ҳол андешидашуда ҳанӯз ҳам баъзе масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили костагии фарҳанги гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа ва гароиши онҳо ба мафкураи бегона мавҷуданд.

Инчунин таъминоти муассисаҳои фарҳангӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ва амсоли инҳо ҳалли саривақтии худро талаб менамоянд.

Дар ин росто, синои тоҷик ба рушди ҷиддӣ ниёз дошта, филмҳои ҳозиразамони мустанаду бадеӣ, ки гузаштаву имрӯзро воқеъбинона инъикос намоянд, масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаро тасвир созанд ва ахлоқи ҳамидаву анъанаҳои неки халқамонро тарғиб кунанд, кам ба назар мерасанд.

Бинобар ин, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио ва иттифоқҳои эҷодӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ҷиҳати таҳияи асарҳои нави саҳнавӣ ва филмномаҳои таърихӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати инкишофи ин санъати муҳим иҷрои барномаи давлатии рушди синои тоҷикро таҳлил карда, минбаъд ҳамасола барои эҷоду наворбардории филмҳои нав ва тайёр кардани мутахассисони соҳа маблағҳои махсус пешбинӣ намояд.

Илова бар ин, доир ба ҳалли саривақтии масоилу мушкилоти соҳа ва рушди он, интихобу ҷобаҷогузории барномаҳо зарур аст, ки аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор ва мутахассисон комиссияи давлатӣ таъсис дода шавад.

Дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ нақши занон ва ҷавонон ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа ниҳоят арзишманд мебошад.

Ташаббусҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамеша дастгирӣ ёфта, занону ҷавонон ба корҳои роҳбарӣ дар ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва сохтору мақомоти давлатӣ ҷалб карда мешаванд.

Ҳамчунин фарогирии занону ҷавонон ба соҳибкории хурду миёна тавсеа ёфта, бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумат лоиҳаҳои имтиёзнок ва дигар тадбирҳои судманд роҳандозӣ шудаанд.

Ҷавонон ҳамчун давомдиҳандагони татбиқи ҳадафҳои олии мо имрӯзҳо бо азму иродаи қавӣ ба хотири пешрафти ояндаи Ватани маҳбубамон саъю талош карда, дар бештари соҳаҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

Аксари ҷавонони бонангу номуси кишвар дар пайи таҳсил, интихоби касб ва азхуд кардани техникаву технологияҳои муосир талош намуда, дар дохилу хориҷи мамлакат илму донишҳои муосир ва барои кишварамон заруриро азбар карда истодаанд.

Имрӯзҳо беш аз 12 ҳазор нафар ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманди мо дар хориҷи кишвар аз ҳисоби давлат таҳсил карда истодаанд. Ҳоло дар дохили кишвар зиёда аз 200 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил доранд.

Қисме бо азму иродаи матин дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва сохтмонҳои бузурги кишвар заҳмат мекашанд, дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла дар ҳифзи марзу буми Ватан ва таъмини амнияту оромии давлат ва ҷомеа қарор доранд ва иддае парчами Тоҷикистони азизро дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баланд мебардоранд.

Барои рушди солими ҷомеаи кишвар ва ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш тайи панҷ соли охир 19 варзишгоҳ, 621 майдонча ва 110 толори варзишӣ, 11 ҳавзи шиноварӣ ва 9 маҷмааи варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Инчунин 2700 майдонча ва 635 толори варзишӣ, 14 ҳавзи шиноварӣ ва 5 маҷмааи варзишӣ таъмиру азнавсозӣ гардидааст.

Вобаста ба ин, таъкид менамоям, ки бо мақсади оммавигардонии варзиш ва таблиғу ташвиқи тарзи ҳаёти солим иншооти зикршудаи варзишӣ дар ҳолати хуб нигоҳ дошта, самараноку мақсаднок истифода бурда шаванд.

Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд.

Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хоса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст.

Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, нерӯи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем ва дар сохтору мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар мегардонем.

Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт проблемаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд.

Аз ҷумла масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол ба сол зиёд мегардад, ташвишовар мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2014 аз 95500 ақди никоҳи ба қайд гирифташуда 9 ҳазори он бекор шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 9,5 фоиз зиёд аст.

Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона мебошад.

Дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик низ зиёд шуда, боиси таваллуди кӯдакони маъюб гардида истодааст.

Имрӯз дар қаламрави кишвар қариб 13 ҳазор нафар кӯдакону наврасони маъюби то 18 - сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд.

Бештари ин кӯдакон маъюби модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ, инчунин аз волидайни гирифтори нашъамандӣ ба дунё омадаанд.

Беморији масунияти норасоии бадан беморији шадид буда, имрӯз яке аз сарчашмаҳои асоси хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон дар сайёра гаштааст.

Бори аввал ин беморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 ба таври расмӣ ба қайд гирифта шуд.

Гирифторони он дар кишвар имрӯз беш аз шашуним ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки чунин вазъ боиси ташвиши ҷиддии Ҳукумати мамлакат ва аҳли ҷомеа мебошад.

Пешгирии ин беморӣ бояд яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бошад.

Сабаби дигари пош хӯрдани оилаҳо дар он аст, ки бисёре аз падару модарон фарзандонро бе муоинаи пешакии тиббӣ хонадор карда, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор намегиранд.

Тибқи моддаи 15 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи тиббии шахсони никоҳшаванда, инчунин додани машварат доир ба масъалаҳои тиббиву генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустии маҳалли истиқоматии онҳо ба таври ройгон ва танҳо бо ризоияти шахсони никоҳшаванда анҷом дода мешавад. Вале онҳо аз ин ҳуқуқи муқаррарнамудаи қонун истифода намекунанд.

Аз ин рӯ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, адлия, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ вазифадор карда мешаванд, ки масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон ва пешгирӣ намудани никоҳи байни хешовандони наздикро якҷо бо мардум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаматарафа омӯхта, ба Ҳукумат таклиф пешниҳод намоянд.

Ин масъала барои хушбахтии оилаҳои ҷавон бисёр муҳим аст. Мо ҳама - падару модарон, бародарону хоҳарон ва дӯстон оилаҳои ҷавонро доимо дуои нек мекунем, ки саломат бошанд, хушбахт шаванд, умри дарозу бобаракат бинанд, соҳиби фарзанд ва набераву абера гарданд.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти аҳмияти масъала, мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2015 дар кишвар “Соли оила” эълон карда шавад.

Ҳамватанони азиз!

Якуми марти соли ҷорӣ дар кишварамон маъракаи муҳимми сиёсӣ - интихоботи Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо баргузор мегардад.

Ин чорабинии сиёсӣ бояд дар доираи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда, дар сатҳи баланди ташкилӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, шаффофу озод, ба таври демократӣ ва бо иштироки фаъолонаи интихобкунандагон доир гардад.

Сохторҳое, ки ба баргузории ин чорабинӣ масъуланд, бояд ба ҳамаи ҳизбҳои сиёсии дар интихобот ширкаткунанда ва ба номзадҳои пешбаришуда шароити баробар муҳайё созанд.

Интихоботи навбатӣ бояд ба омили муттаҳидкунандаи халқи Тоҷикистон, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати милливу сарҷамъии мардуми кишвар ва болоравии эътибору обрӯи давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ гардад.

Ман бори дигар хотирнишон менамоям, ки ҳамаи мо барои фардои давлату миллат, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, хулоса, барои ояндаи осудаи Тоҷикистон масъулият дорем.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва
вакилони Маҷлиси намояндагон!

Мақомоти қонунгузори кишвар – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ ҳамасола барои рушди қонунгузорӣ корҳои хубу босамар анҷом медиҳанд ва қобили зикр аст, ки фаъолияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар панҷ соли охир хеле назаррас буд.

Дар баробари ин, мехоҳам ба ҳамаи вакилоне, ки тайи панҷ сол дар Маҷлиси Олӣ заҳмат кашида, дар қабули қонунҳо ва дигар санадҳои муҳимми давлатӣ фаъолона иштирок намуданд, изҳори сипос намоям.

Умед аст, ки фаъолияти қонунгузорӣ аз тарафи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони тозаинтихоб боз ҳам густариш дода мешавад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ узви ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар ҷараёни таҳаввулоти босуръати ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёт қарор дорад.

Имрӯз дар як қатор давлатҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, боиси афзоиши шумораи фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани проблемаҳои дигари иҷтимоӣ гардидаанд.

Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуяк табдил ёфтааст.

Бинобар ин, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакатро зарур аст, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ, инчунин омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Вазъияти ҷаҳони имрӯза моро водор мекунад, ки фаъолияти самараноки тамоми сохторҳои давлатиро барои таъмини боэътимоди сулҳу субот ва амнияти кишварамон равона созем ва барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳаёти осиштаро муҳайё кунем.

Бори дигар хотиррасон менамоям, ки ҳар як шаҳрванди кишвар бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва ҳаргиз фирефтаи таблиғоту ақидаҳои бебунёди ифротӣ нашавад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки бо мақсади таъмини амнияти давлат ва ҷомеа маблағгузориро барои таъминоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо техникаву технологияҳои замонавӣ ва таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир, бунёди иншооти сарҳадӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои моддиву техникӣ, муҳайё кардани тамоми шароити зарурии зиндагӣ ва хизмат барои сохтору мақомоти зикршуда сол ба сол зиёд намояд.

Ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ ва пойдории суботи сиёсии ҷомеа мо ҳама бояд муттаҳид бошем ва ба фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ҳамаҷониба мусоидат намоем.

Ҷиҳати пешгирии паҳн намудани намудҳои нави воситаҳои нашъадор, такмили усулҳои мубориза дар ин самт, тарзи офиятбахшии шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ, таҳкими ташаккули афкори ҷомеа бар зидди воситаҳои нашъадор ва умуман пурзӯр намудани мубориза бар зидди ин хатари марговар ба мақсад мувофиқ аст, ки қонунгузорӣ дар соҳаи назорат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии чунин воситаҳо бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҷдиди назар карда шавад.

Ҳамзамон бо ин, ҳамкориҳои байналмилалӣ, махсусан бо кишвари ҳамсоя - Афғонистон дар самти таъмини амният дар хатти сарҳади миёни ду давлат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор густариш дода шавад.

Дар баробари ин, тарбияи кадрҳои худшиносу ватандӯст, дорои масъулият ва малакаи баланди касбӣ, соҳиби донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии муосир, фидокор ва содиқ ба Ватану миллат, ҳушёру зирак, муборизи роҳи ҳақиқату адолат вазифаи муҳимтарини Ҳукумат ва роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомии кишвар ва умуман Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад.

Ба ин мақсад бояд сатҳу сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вазоратҳои корҳои дохилӣ, мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар сохтору мақомоти низомӣ, инчунин тайёрии касбии кормандони мақомоти мазкур бояд бо дарназардошти талаботи замони муосир ва вазъи ҷаҳони имрӯза баланд бардошта шавад.

Мо дар паёмҳои гузашта ва дар дигар мулоқоту чорабиниҳо доим хотирнишон месозем, ки кирдорҳои коррупсиониро маҳкум мекунем ва мубориза бо ин падидаи номатлубро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мешуморем.

Тақвияти фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти суд бо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайванди ногусастанӣ дорад ва ин нуктаро ман борҳо изҳор намудаам.

Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ 5-уми январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид.

Татбиқи барномаи мазкур барои боз ҳам устувор шудани сохтори мақомоти судӣ ва пешрафту пурсамар гардидани фаъолияти онҳо, таҳкими ҳамкории мақомоти судӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Итминон дорем, ки роҳбарият ва кормандони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлия ва Прокуратураи генералӣ бо дарки масъулияти баланди касбӣ ҷиҳати амалисозии адолати судӣ, таъмини волоияти қонун ва гузашта аз ин, дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва ташкилотҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва
вакилони Маҷлиси намояндагон!

Ман дар паёмҳои пешина ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суханрониҳои худ дар якчанд маросиму мулоқотҳо оид ба масоили байналмилалӣ ибрози назар карда, вазифаву ҳадафҳои сиёсати хориҷии кишварро муфассал шарҳ дода будам.

Ҳоло мехостам таъкид намоям, ки то имрӯз усулу асосҳо ва афзалиятҳои ин сиёсат, ки аз ҳимояти манфиатҳои миллӣ, ҳифзи озодиву истиқлолияти кишвар, амнияту суботи ҷомеа ва таъмини рушди Тоҷикистон иборатанд, тағйир наёфтаанд.

Муҳтаво ва ҳадафҳои сиёсати дарҳои кушода, ки бо амалӣ намудани он сарзамини мо сафи дӯстони худро пайваста зиёд намудааст, ҳамоно мисли пештара

боқӣ хоҳанд монд ва барои тақвияти равобити Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои дунё хизмат хоҳанд кард.

Имрӯз ҳамаи шумо огоҳед, ки соли сипаришуда ва якчанд соли пешин пур аз таҳаввулоту рӯйдодҳои ногаҳонӣ ва дигаргун шудани асосҳои қаблан хеле устувори низоми байналмилалӣ буданд.

Сар задани алангаи нави мухолифату низоъҳо дар Шарқи Наздик ва минтақаҳои дигари дунё, густариши бесобиқаи терроризми байналмилалӣ ва ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва силоҳ, шиддат гирифтани проблемаҳои экологӣ ва хуруҷи бемориҳои наву басо хатарноки сирояткунанда, коҳиш ёфтани нуфузи ниҳодҳо ва асосҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аҳмияти масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти миллӣ ва минтақавиро ба маротиб зиёд мегардонанд.

Ҳамаи ин воқеияту рӯйдодҳо ҳақиқатеро таъкид менамоянд, ки мушкилоти аср ва таҳдидҳои нав ба тамаддуни башарӣ мунтазам афзоиш ёфта, амнияти давлатҳои хурду бузурги олам ва ҳатто тақдири тамоми аҳли башарро бо хатарҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтаанд.

Ин ҳодисаҳо бори дигар исбот намуданд, ки терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст.

Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте бо дин, аз ҷумла бо дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад.

Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро бо зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст.

Тамоюли торафт қувватгирифтаистодаи сиёсӣ намудани ислом фақат бар зарари он сурат гирифта, дар назди оламиён симои поки аҳли онро манфур намоиш медиҳад.

Имрӯз мо ниёз ба тақвияти ҳарчи бештари асли таҳаммулгароӣ дорем, ки мардуми мусулмонро чун мардуми мутамаддин ва фарҳангиву илмпарвар таҷассум намояд ва ҷиҳати ҳамкории ҳамаи нерӯҳои солими башарият хизмат кунад.

Бинобар ин, мо бояд тамоми василаву воситаҳоро истифода кунем, ки эҳтироми ғояву андешаҳои солиму созанда ва таҳаммули фикри якдигар тамоюли асосии дунёи имрӯз гардад.

Вале чунин ба назар мерасад, ки “сиёсати дугона”, шиддати бесобиқаи мубориза геосиёсӣ, бахусус барои дастёбӣ ба захираҳои ҳаётиву стратегӣ ва таъмини назорат аз болои минтақаҳои муҳимми геостратегӣ падидаи аз ҳама хатарноки солҳои охир мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки бо талоши якҷоя ва дастаҷамъона эмин нигоҳ доштани сайёра ва минтақаи мо аз ин офатҳо аз ҷумлаи вазифаҳои бетаъхир ва муҳимтарини давлатҳои миллӣ ва созмонҳои байналмилалист.

Ин вазъ аз ҳамаи мо татбиқи сиёсати санҷидаву мутавозинро тақозо мекунад, то ки кишварҳои мо ба арсаи бесуботӣ табдил нагарданд.

Аз ин рӯ, мо мисли пештара тамоми саъю талоши хешро ба харҷ хоҳем дод, то минтақаи мо қаламрави дӯстиву ҳамкорӣ ва ҳамёриву кӯмаки байниҳамдигарӣ бошад.

Дар ин росто, такя ба тадбирҳои дастаҷамъӣ ва ҳамкории муассир бо шарикони стратегии санҷидаву боэътимод мисли пештара мазмуни асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил хоҳад дод.

Робитаҳои муассир ва созанда бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ниҳодҳои бонуфузи молиявӣ, ки мо тӯли солҳои истиқлолият бо онҳо ҳамеша ҳамкориҳои судманд доштем, ба таври устувор идома хоҳанд ёфт.

Дар ин чаҳорчӯба мо минбаъд низ бо роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об нақши пешбарандаи Тоҷикистонро оид ба ин масъалаҳо дар арсаи байналмилалӣ тақвият хоҳем бахшид.

Бинобар ин, кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи қаблӣ ният дорад, ки ба мақсади арзёбии фарогири раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт 2005-2015", ки бо ташаббуси Тоҷикистон роҳандозӣ шуда буд, имсол тибқи қарори нави Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баландро доир намояд.

Мақсад аз он баррасии мушкилоти глобалии нарасидани оби нӯшокӣ дар сайёра, андешидани чораҳои зарурӣ дар ҷавоби он, таъкиди зарурат ва талқини ғояи ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об буда, ба хотири рушди устувори кишварҳои минтақа ва ояндаи неки мардумони он доир карда мешавад.

Бо зикри ҳамаи ин афзалиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ мо набояд фаромӯш кунем, ки тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муассир ва тавсеаи доираи онҳо бо кишварҳои ҳамсояи мо, аз ҷумла Афғонистон, дорои аҳмияти хоса мебошад.

Мантиқист, ки дар шароити ба вуҷуд омадани воқеияти нав, яъне баъди хуруҷи нерӯҳои эътилофӣ аз сарзамини ин кишвари дӯсту бародари мо робитаҳоямон бояд дар ҳамаи бахшҳо вусъати тоза пайдо намоянд, зеро тавре, ки медонем, масъалаҳои суботу амнияти Афғонистон ва вазъи эмину осоишта дар Осиёи Марказӣ бо якдигар сахт алоқаманданд.

Ба таври хулоса, сиёсати хориҷии кишвар мисли анъана бояд бо дарназардошти манфиатҳои олии миллӣ татбиқ карда шавад, ки он, дар ниҳояти амр, ба пешрафту ободии сарзамини азизи мо ва мардуми шарифи он равона гаштааст.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон! Ҳамватанони азиз!

Вазифаҳое, ки дар Паёми имрӯза ба мақоми олии қонунгузори кишвар доир ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳаёти мамлакат, пеш аз ҳама, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ гузошта шуданд, танҳо бо такя ба нерӯи созандаи мардуми Тоҷикистон ва бо заҳмати содиқонаву софдилонаи онҳо амалӣ хоҳанд шуд.

Дар маҷмӯъ, вазифаҳои соли ҷорӣ моро водор мекунанд, ки ҷиҳати дар сатҳи устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла таҳти назорати доимӣ қарор додани вазъи молиявӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҳарчи бештар таъмин кардани аҳолӣ бо молҳои ниёзи аввал, ҳалли саривақтии мушкилоти мардум, инчунин доир ба пешгирии таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир чораҳои мушаххасу саривақтӣ андешем.

Бовар дорам, ки мо якҷо бо халқи шарифу сарбаландамон имсол ва солҳои минбаъда низ ба хотири рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии давлатамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи халқамон ҷаҳду талоши бештар намуда, Тоҷикистони азизамонро дар арсаи олам ба таври сазовор муаррифӣ мекунем.

Итминон дорам, ки вакилони Маҷлиси Олӣ, аъзои Ҳукумат, тамоми хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиёи мамлакат, бонувони соҳибмаърифат, ҷавонони бонангу номус ва худшиносу ватандӯст, кормандони далеру ҷасури мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, соҳибкорони ҳимматбаланд, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ҳар як фарди меҳандӯсти кишвар ба хотири ободии сарзамини аҷдодиамон, пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллату давлат бо дасту дилу нияти пок ва содиқонаву поквиҷдонона хизмат мекунанд ва бо ин амали неку созандаи хеш қарзи виҷдониву инсонии худро адо менамоянд.

Яъне ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз тамоми манфиатҳои дигар афзал донистани манофеи давлату миллат, саъю талоши пайваста ба хотири мустаҳкам намудани пояҳои давлати миллӣ, ҳифзи соҳибистиқлолии Ватан, суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат вазифаи шаҳрвандӣ ва масъулияти фарзандии ҳар яки мову шумо – аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарону масъулони идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ ва умуман тамоми халқи Тоҷикистон мебошад.

Мо медонем, ки дар зиндагии ҷомеаи мо ва ҳаёти халқамон ҳанӯз мушкилоту масъалаҳои зиёди ҳалталаб мавҷуданд.

Лекин ман ба азму иродаи мустаҳкам, нияти неку хиради азалии мардуми солору сарбаланди тоҷик итминони комил дорам ва дилпурона изҳор менамоям, ки ҳамаи мо дар солҳои наздик мушкилоти мавҷударо бартараф карда, Тоҷикистони маҳбубамонро ба як кишвари ободу пешрафта табдил медиҳем ва барои зиндагии шоистаи сокинон шароити мусоид фароҳам месозем.

Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари ҷони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем, барои ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ҳамеша омода бошем, ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ва рӯзгори осудаву ороми ҳар як хонадони кишвари азизамон шабу рӯз заҳмат кашем.

Дар раванди созандагии Ватан ва таҳкими иқтидору обрӯи Тоҷикистони маҳбубамон ба тамоми мардуми шарифи кишвар ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, сиҳатмандӣ ва барору комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

## ВОПРОСЫ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНОВ, ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИИ И МИГРАЦИИ

УДК 33

***Дӯстбоев Ш.***
*д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДТТ*
*ш. Душанбе, к. Тургенев 18*
*Тел.: (+992) 935435228*
*E-Mail: shodi-1944@mail.ru*

### ДОИР БА РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ (ҳамоҳангӣ бо Паём)

*Дар мақола самтҳои муҳими рушди устувор ва босуботи иқтисодиёти миллӣ, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, таҳлил гардидааст.*
***Вожаҳои калидӣ:*** *Паём, рушди босубот, соҳибкорӣ, соҳибкории хурду миёна.*

***Дустбоев Ш.***
*д.э.н., профессор кафедры мировой экономики ТГУК*
*г. Душанбе, ул. Тургенев 18*
*тел.: (+992) 935435228*
*E-Mail: shodi-1944@mail.ru*

### ОБ УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

*В статье рассматриваются важнейшие аспекты устойчивого роста национальной экономики вытекающие из Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон Маджлиси Оли Республики Таджикистан…*
***Ключевые слова:*** *Послание, устойчивый рост, предпринимательство, малое и среднее предпринимательство.*

***Dustboev Sh.***
*Professor department of World economy TGUK*
*Dushanbe, str. Turgeneva 18*
*Tel.: (+992) 935435228*
*E-Mail: shodi-1944@mail.ru*

### ABOUT THE STEADY DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMICS

*The article possess very important issues devoted to the steady growth of the national economics which comes from the message of the President of Republic Tajikistan Emomali Rahmon to Majlisi Oli of Republic Tajikistan.*
***Key words:*** *Message, Steady growth, entrepreneurship, small and middle entrepreneurship.*

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама паҳлуҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии мамлакатро фаро гирифта, дар ин ҳуҷҷати барномавӣ ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ диққати махсус дода шудааст. Чунки бе таъмини

рушди босуботи иқтисодиёт пеш бурдани иҷтимоиёт, илм, фарҳанг ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ имконнопазир мебошад.

Ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки тӯли ҳафт соли гузашта барои таъмини рушди устувор заминаҳои моддию техникӣ гузошта шуд. Барои тасдиқи ин якчанд факту рақамҳои омориро пешниҳод менамоем:

Дар ҳафт соли сипаришуда суръати афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД), ки нишондиҳандаи асосии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад, дар сатҳи 7,4 фоиз қарор дошта, ҳаҷми умумии он 1,5 баробар ва даромади пулии аҳолӣ 1,7 баробар афзуд. Пасандозҳои бонкии аҳолӣ дар панҷ соли охир беш аз 3,2 маротиба зиёд ва дар соли 2013 қариб ба 4 млрд. сомонӣ баробар шуд.

Давоми панҷ соли охир дар ҷумҳурӣ 870 ҳазор ҷойи корӣ муҳайё ва барқарор гардид, аз ҷумла ин рақам дар соли 2013 ба беш аз 185 ҳазор баробар шуд. Ин ҳама аз боло рафтани сатҳи зиндагии мардум шаҳодат медиҳад.

Ба назари мо, рушди босуботи иқтисодиёт раванди бемайлон буда, дар заминаи омилҳои дохилӣ ва беруна таъмин мегардад.

Омилҳои дохилӣ, аз ҷумла инҳоянд:

- мавҷудияти қувваи кори арзон ва усулҳои бо кор таъмин намудани онҳо;

- мавҷудияти захираҳои нодири табиӣ ва истифодаи оқилонаю самараноки онҳо;

- омили сеюм дар заминаи омилҳои якум ва дуюм ба амал омада, боис мешавад, ки иқтисодиёти миллӣ рушд ёфта, камбизоатӣ барҳам хурад.

Ба омилҳои беруна фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина ба даст овардани асъори хориҷӣ ва истифодаи густурдаи техникаю технологияи навтарин дар истеҳсолот мансуб мебошад.

Дар ин хусус дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Пешрафти босуботи иқтисоди кишвар дар асоси санадҳои барномавӣ, пеш аз ҳама «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015», «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон баро солҳои 2013 – 2015» ва дигар барномаҳои соҳавию минтақавӣ таъмин гардида, иҷрои саривақтӣ ва самараноки онҳо таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

Омилҳои фавқуззикрро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки агарчанде сатҳи бекорӣ дар мамлакат баланд набошад ҳам, қисмати муайяни қувваи корӣ (тақрибан як миллион нафар) дар муҳоҷират қарор доранд. Имрӯз аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамасола ба мамлакат тақрибан 3 – 4 миллиард доллари ИМА ворид мегардад, ки нишондиҳандаи хуб мебошад.

Таҷрибаи баъзе мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон гувоҳ аст, ки яке аз омилҳои асосии пешравии иқтисод муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ маҳсуб мeёбад. Масалан, Туркия, ки дар гузашта як давлати рӯ ба тараққӣ буд, ҳоло аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишвари тараққикардаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон тақрибан ду миллион нафар турк фаъолият намуда, баҳри пешравии давлаташон саҳмгузорӣ менамоянд.

Мисоли дигар хитойиҳо – онҳо, сарфи назар аз он ки дар мамлакати худашон ва ё берун аз марзи он заҳмат мекашанд, ҳисси ватандӯстиашон хеле баланд аст. Омили асосии бозорҳои ҷаҳонро фаро гирифтани маҳсулоти хитойӣ ин арзон будани он (ҳам аз ҳисоби арзонии музди меҳнат, ҳам бо миқдори миллионҳо нусха истеҳсол намудани ин ё он намуди маҳсулот) аст.

Як паҳлӯи мусбати муҳоҷирати меҳнатӣ аз худ намудани забон, маданият ва тахассуси нав мебошад.

Муҳоҷирони меҳнатии мо ба пешравии иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъсири мусбӣ мерасонанд. Як қисмати муайянашон ба соҳибкорӣ машғул мешаванд.

Фарзандҳояшонро дар мактабҳо мехононанд, хонадор менамоянд, биноҳои нав бунёд мекунанд, автомашинаҳои боркашу сабукрав мехаранд ва ба аҳли оилаашон ёрии моддӣ мерасонанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тақрибан 10 – 12 фоизи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Федератсияи Россия ба соҳибкорӣ машғул ҳастанд. Агар дар дохили мамлакат дар як сол танҳо як фоизи муҳоҷирон, ки тақрибан 10 ҳазор нафарро ташкил менамоянд, ба соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ машғул шуда, ҳар як соҳибкор ба ҳисоби миёна 8 – 10 ҷойи кори нав таъсис диҳад, давоми даҳ соли оянда қариб 800 ҳазор ҷойи кори нав (фақат аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна) ташкил мешавад, ки барои ғанӣ гардидани буҷети оилавии муҳоҷирон. Буҷети давлатӣ ва боло рафтани некӯаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Дар Паём ба бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ, диққати махсус дода шудааст. Барои дастгирии соҳибкории хурду миёна дар доираи Кодекси нави андоз беш аз 240 номгӯй имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ гардида, давоми соли гузашта маблағи умумии имтиёзҳои пешниҳодшуда 3,6 миллиард сомониро ташкил дод ва соли ҷорӣ он ба 4 миллиард сомонӣ мерасад. Ин маблағҳо дар ихтиёри худи соҳибкорон боқӣ мемонад ва ба пешрафти фаъолияти онҳо мусоидат менамояд. Ғайр аз ин, бо супориши Президенти мамлакат дар ҳафт соли оянда ба фонди аз ҷониби Ҳукумати мамлакат таъсисшудаи дастгирии соҳибкорӣ аз ҳисоби буҷет то як миллиард сомонӣ равона мегардад.

Аз ин бармеояд, ки соҳибкории хурду миёна омили муҳими рушди иқтисоди миллӣ буда, дар маркази диққати Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ба маврид аст, зикр намоям, ки дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон (ИМА, Япония, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Сингапур ва ғайра) қисми азими (аз 40 то 50 фоиз) Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна аст.

Ба назари мо, ба соҳибкории хурду миёна, пеш аз ҳама, дар соҳаи кишоварзӣ машғул шудан манфиатбахш аст. Меваҳои шаҳдбори Тоҷикистон, аз ҷумла лимӯ, дар бозори ҷаҳон арзиши баланд дорад. Мавиз (мавизи сиёҳ ва зард), ғулинг (қоқи зардолу), чормағз, писта, бодом, қоқи олу, себқоқ, шафтолуқоқ, қоқи тут (тутмавиз) ва ҳоказо дар ҳама бозорҳо серхаридоранд ва аз фурӯши онҳо даҳҳо миллион доллар ба даст меояд.

Соҳаи саноати сабук, ҳарчанд соҳаи захматталаб аст, дар сурати рақобатпазир будани маҳсулоти истеҳсол мегашта имкониятҳои зиёди рушд дорад. Тавре маълум аст, як қолини дастбофи эронӣ то 10 ҳазор доллари ИМА арзиш дорад. Ба роҳ мондани ин соҳа дар заминаи захираҳои пашму пӯст имкони дар бозори ҷаҳон мавқеи муайянро ишғол намудан ва ҷойҳои кори нав бунёд карданро фароҳам месозад.

Соҳаи дигар коркарди металлҳои нодир (тиллою нуқра) ва сангҳои қиматбаҳо мебошад. Дар ин бахш истеҳсоли садҳо номгӯйи маводи ороиширо бо ташкили инфрасохтори коркарди тилло роҳандозӣ намудан имконпазир аст. Захираҳои табиии Тоҷикистон фаровонанд. Истифодаи манбаъҳои об ва таъмини кишвар бо барқ рушди босуботи иқтисодиётро таъмин менамояд ва барои бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ заминаи мусоид маҳсуб меёбад. Дар Паём ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода шудааст. Корҳои барқарорсозии Неругоҳи барқи обии «Роғун» (тибқи нақшаи бо Бонки Умумиҷаҳонӣ мувофиқашуда) ва дар соли ҷорӣ ба анҷом расонидани бунёди Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» (бо иқтидори 220 мегаватт), навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе – 2» (бо иқтидори 100 мегаватт), ҳамчунин дар се соли оянда то ба 400 мегаватт расонидани тавоноии ин

марказ махсус таъкид гардид. Ҳамин тариқ, дар ҳафт соли оянда бо мақсади ташкили фаъолияти устувори инфрасохтори энергетикӣ, рушди соҳа ва расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат аз Буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 22 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Дар Паём фароҳам овардани иқлими мусоиди инвеститсионӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи маблағгузорон ба фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҳамчун роҳи муҳими таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар таъкид гардидааст, зеро дар минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат имтиёзҳои андозбандӣ ва воридоту содироти молу маҳсулоти истеҳсолӣ ва дигар сабукиҳо фароҳам мебошанд.

Рушди босуботи иқтисодиётро бе кадрҳои баландихтисос таъмин намуданимконнопазир аст. Бинобар ин, дар Паём соҳаи илму маорифро ҳамчун соҳаи калидӣ ном бурда таъкид шуд: «Бо дар назардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, изҳор медорам, ки мактабу маориф инчунин омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб аз худ кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд».

Аз сабаби он ки сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос аз дониш, маданият, тафаккур, таҷриба, усули таълим ва маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадру мақоми манзалати омӯзгоронро баланд бардошта, «… омӯзгор дар ҷомеаи мо мақоми хоса дорад», - гуфтанд ва ба ин васила ба дили ҳазорон омӯзгорон фараҳ бахшиданд.

Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо рӯҳбаландӣ пазируфтанд, зеро он ҳуҷҷати барномавиест, ки тамоми қишрҳои ҷомеаро ба созандагӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят менамояд.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 апрели соли 2014//Ҷумҳурият. 24 апрели соли 2014.

2. Дӯстбоев Ш. Паём – заминагузори рушди иқтисод// Садои мардум, 19 июни соли 2014.

УДК 336.02:339.7

***Komorowski J.***
*Prof., Dr. of Warsaw School of Economics*

*05-462 Wiazowna*
*str. Duchnowska 20, Poland*
*E-Mail: komoro@sgh.waw.pl*

## MONETARISM AND THE BATTLE WITH THE GLOBAL FINANCIAL CRISIS

*The purpose of this article is to research and verify the hypothesis that the current crisis is the result of monetarist doctrine and it concludes that up to now the battle against the International Financial Crisis is ineffective regarding policy effects and unsatisfactory concerning methods.*

*After a period of growth and prosperity, we are now in the final stages of a more than 30 years long era of monetarism. It is observed how the system defends itself from falling. However, at the same time, the fight against the crisis is dominated by monetarist*

*instruments. Low evaluation of the effectiveness of this fight leads to the conclusion that it is impossible to fix the economy using the same methods that led to the crisis outbreak.*

*After six years since the crisis outbreak the condition of the economy demonstrates the low effectiveness of dealing with the crisis and the further intensification of the crisis-factors. The end of the monetarist age signals the need to seek systemic solutions, new approaches to quality management and change the way of thinking, which seems to be necessary for the Western economy to get out of recession.*

***Key words: m**onetarism, international financial crisis, financial policy, quantitative easing policy.*

***Коморовский Дж.,***
*д.э.н., проф. Варшавской экономической школы*

*05-462 Вийзовна*
*ул. Дучновска 20, Польша*
*E-Mail: komoro@sgh.waw.pl*

**МОНЕТАРИЗМ И БОРЬБЫ С ГЛОБАЛЬНЫМ ФИНАНСОВЫМ КРИЗИСОМ**

*Цель этой статьи является исследование и проверить гипотезу о том, что нынешний кризис является результатом монетаристской доктриной и приходит к выводу, что до сих пор борьба с международным финансовым кризисом неэффективна в отношении последствий политики и неудовлетворительных методов относительно.*

*После периода роста и процветания, сейчас мы находимся в завершающей стадии более чем 30 лет долгое эпоху монетаризма. Он наблюдал, как система защищает себя от падения. Тем не менее, в то же время, борьба с кризисом преобладают монетаристских инструментов. Низкая оценка эффективности этой борьбы, приводит к выводу, что это невозможно исправить экономику, используя те же методы, что привело к кризису начала.*

*После шести лет с момента начала кризиса состояние экономики демонстрирует низкую эффективность борьбы с кризисом и дальнейшей интенсификации кризисом факторов. Конец монетаристской возраста свидетельствует о необходимости добиваться системных решений, новых подходов к управлению качеством и изменить образ мышления, который, кажется, необходимым для западная экономика выйти из рецессии.*

***Ключевые слова:** монетаризм, международный финансовый кризис, финансовая политика, политики количественного смягчения.*

**Method section:**

1. The article is a consequence of the research problem, which is expressed in beginning of the text. It concerns the contemporary stage of the World Economic Crisis and the efficiency of the faith with its negatives.

2. The author formulates the purpose of this article and puts the main hypothesis intending to explain it by a research and verification. The domain of research is in the science of Economics, discipline: Finance, field: Public Financial Policy.

3. The research contents six paragraphs presenting the complexity of the problem presented in a logical sequence starting from empirical presentation of the problem, theoretical base of the analysis and dispute, fundamentals of a contemporary public financial policy, descriptions of the action against the crisis taken by the main international

centers of financial policy, its consequences and finally, a short dispute on practical dilemmas.

4. The content of the article is concluded by the summary, which includes the author's final comment and the list of six theses enclosed.

5. The main methods of research are the descriptive analysis and comparative analysis presenting the researched problem in multidimensional and interdisciplinary approach.

6. The sources of the article are based on theoretical background and expertise knowledge, public reports and statistics, easy access internet sources and publications of the author.

## 1. The state of the world economy six years after the crisis outbreak

Economic policies at the state level, as well as programming the behavior of entrepreneurs in the market, require clear perspectives. Without a clear diagnosis it is difficult to move in the world of business. The key issue is whether we still have to deal with the crisis and what factors contribute to it, or whether the end of the crisis can already be talked about. There is no doubt that "crisis-end advertisement", "greetings from the stock exchange" and other media treatments, repeated many times to the public, but unsupported by hard evidence, are unreliable.

A deep crisis of the western economy is a fact. A sense of helplessness and lack of control over the situation development dominated our thoughts. Events that directly led to the outbreak of the crisis are now irrelevant. Nowadays, major problems, such as a wide range of imbalances, economic stagnation, the dynamics of debt, the scale of public expenditure, excess liquidity in the financial markets, the scale of speculation, lack of confidence in the financial sector, and the clash of interest and currency zones are occurring with greater intensity. The mood in the financial sector is such that, at any moment, another eruption may occur.

Recognizing the absolute dominance of the financial sector over the non-financial sphere, i.e. the "financialisation" of the western economy, it seems that the crisis in the real economy is occurring in the background. The decline in industrial production, processing of raw materials, as well as other raw materials such as the mining sector, is interpreted as an expression of the elimination of low-margin industries. Facing such problems, according to the monetarist doctrine, the liberal state cannot interfere and consequently jobs are shrinking, unemployment remains high amongst the young and the stagnation of industrial production deepens. The scale of bankruptcies, suicides, financial scandals, economic crime, junk contracts, homelessness and other pathologies are the reality of life, which is not always reflected in the statistics.

The monetarist way of thinking about the economy affects the choice of anti-crisis instruments. There is a belief that it is sufficient to lead to a recovery in the financial markets to bring the real sphere back into an equilibrium. Particularly amazing is that the attention of economists is focused on a short-term financial balance, rarely the fundamental issues relating to the structure of the economy are taken, concerning the security of raw materials, loss of industry, debt accumulation, dependency from abroad etc.

It is not true to say that the crisis is global. Against this background, a successful development strategy of the Far East is shocking. The crisis touches this region only in the sense that the demand decline in Western countries reduces economic growth in the East, which, nevertheless, is impressively high. China, which takes the first place in global production, is the real tycoon in 'showering'their goods all over the world. It is hard not to

notice the dominance of Chinese banks, the accumulation of foreign exchange reserves, export expansion, technological advancement, the momentum of public projects, the scale of luxury goods, works of art, and automotive markets.

The status of the most dynamically developing region provides a promotion of the Far East from the imitation phase to the era of economic and technological dominance. The financial opportunities, accumulated surpluses, domestic demand, a high rate of accumulation, the scale of public investment, scientific and technical progress are completely underestimated.

Depreciating these achievements causes a lack of interest in a number of innovations in the economy of the countries in this region that could be implemented for the benefit of the West. There is no doubt that the main barrier to understanding the causes of the achievements of the Far East is the ideological struggle and monetarist way of thinking. Unfortunately, the "brake" on the world economy is the West.

## 2. Monetarist thinking, as a brake on overcoming the crisis

In fact, many people, including scientific authorities, especially "Chicago School" enthusiasts, just do not see the connection between monetarism and the crisis. It is not about theoretical issues and a model of the economy, but the long-term effects of monetarist economic system. The increasingly visible collapse of the economy, debt accumulation and life at the expense of future generations means that the link between the theory of monetarism and economic reality is the same as the relationship of the theory of socialism and the practiced socialist economy.

Monetarist theory appears in the publications in the fifties due to Milton Friedman. Initially, the concept which is the negation of Keynesianism focused on the study of the effects of monetary policy on national income. Further theoretical work has contributed to the economic development of the school as an alternative to the Keynesian welfare state, the implementation of which has come to the end of its possibilities at the end of the 70s.

In the early eighties, the doctrine of monetarism became the basis of the reforms of Ronald Reagan (1981) and Margaret Thatcher, and then spread to most of the western countries. Thus begins the over thirty-years-long era of monetarism in the economy. During the booming period in the nineties, monetarism creates a dynamic business environment based on liberal principles and deregulation of the capital market. This system is based on a specific philosophy of thinking, which is dominated by the pursuit of money, resulting from the conviction that “cash counts" and “real money is earned on the stock market."

It is worth noting that the systemic transformation of the Polish economy in the 90s, coincided with the flowering phase of monetarism, which means that the transformation that has taken place in Poland through reforms of Leszek Balcerowicz and Jeffrey Sachs, consisted in the construction of the economic system and monetarist way of thinking, which led to a fundamental redefinition and new conflicts.

Currently, the sense of monetarism is slightly different from the original theoretical assumptions in relation to the experience of economic policy, financial market regulation and supervision of financial institutions. The solutions adopted in different countries shows that monetary policy can take different forms, ranging from conservative and cost-effective policies aimed at the effect of "strong currency", as in the case of Switzerland, to the active support of the economy by the budget deficit, as in the US and Japan.

**Table 1.**

**The most important references of monetarism category**

| | |
|---|---|
| Economic Theory | Idea, concept, current research, and economic school launched in 1956. by M. Friedman, developed by A. Schwartz, K. Brunner and A. Meltzer, M. Parkin, A. Walters, D. Friedman, K. Ohmae and others associated with the analysis of the impact of money supply on the economy and national income through the control of interest rates and Treasury bonds. This concept implies the effectiveness of market mechanisms and rejects the direct participation of the state in economic processes. |
| Economic Doctrine | The doctrine is based on the use of the money supply as a determinant of economic activity within the mechanism of functioning of the money market and capital market, treats capital as a major factor in creating value, rejects Keynesian solutions as ineffective in an open market economy and globalization, so it is a doctrine opposed to the state intervention doctrine. |
| Economic Policy | The choice of policy instruments to ensure the implementation of the economic growth policy through the money supply control method by the state monitoring of the money market functioning in conjunction with the liberal economic policy assuming currency convertibility, removal of restrictions on the movement of capital, strengthening of free trade, deregulation of the economy, promoting individual entrepreneurship. |
**Шоркӯл** (Шӯркӯл) яке аз кӯлҳои беҷараёни шарқии Помири Шарқӣ буда, шӯр ва хосияти баланди радиоактивӣ дорад. Обу лойқаи Шоркӯлро бо  мақсади табобат истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити баландкӯҳ воқеъ гардидани кӯлҳои шифобахши Помири Шарқӣ истифодаи онҳоро маҳдуд гардонидааст. Дар баробари истифодаи обҳои маъданӣ ба роҳ мондани истифодаи лойқаҳои шифобахш самти нави хизматрасонӣ ва ҷойҳои нави корӣ пайдо мешавад, дараҷаи  зиндагӣ ва саломатии одамон беҳбудӣ меёбад.

**Оқсукон** ягона кӯли шифобахши серистеъмол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ҳудуди ноҳияи Ашти вилояти Суғд воқеъ гаштааст. Он дар хамидаи байни пасткӯҳҳои Суффатоғ, Оқбел, Қизилҷар ва Шумтоғ аз сатҳи баҳр дар баландии 450 м воқеъ буда, аз маркази ноҳияи Ашт-Шайдон - 22 км, аз обанбори Қайроққум 15 км ва аз ш. Хуҷанд 82 км дур воқеъ гаштааст. Оқсукон ба тариқи арзӣ аз ғарб ба шарқ ба масофаи 13 км тӯл кашидааст, паҳниаш ба 0,5-2 км, умқаш ба 0,7 м ва майдони сатҳаш ба 8,8 километри мураббаъ мерасад. Соҳили ҷанубии кӯл байзашакл, шимолиаш аз халиҷҳои хурду нимҷазираҳо иборат, қаъраш нисбатан ҳамвор мебошад.

**Табиат**. Манбаъҳои обгирии Оқсуқонкӯл чандон фаровон ва боэътимод нестанд. Боронҳои баҳорӣ (200-250 мм) тавассути маҷрои рӯди муваққатии Даҳана ва сойҳои паҳлӯӣ, чашмаҳои шӯри сойи Қарокон ва чашмаҳои дигари доманакӯҳи Оқбел ба Оқсукон мерезанд. Ҳангоми тобистон (ҳарорати миёнаи июн +29$^0$C) аксари чашмаҳои шӯроби доманакӯҳҳои атроф мехушканд. Барои ҳамин ҳам андозаи сатҳ, дарозӣ ва умқи кӯл вобаста ба фаслҳои сол тағйир меёбад.

Тобистон оби Оқсуқон мехушкад ва сатҳи болои онро қабати тунуки намаки ошӣ (5 см) мепӯшад. Ин рӯйпӯш чун ҷилд лойқаи давоии дар зер хобидаро аз хушкшавии минбаъда ҳифз мекунад. Лойқаи шифобахши Оқсукон ба ҷисми зиндаи том, ки худ худашро ба низоми муайян даровcovarда мистад, шабоҳат дорад. Дар таркиби лойқаи кӯл 93 элементи химиявӣ, пайвастагиҳои ғайриорганикию органикӣ, микроорганизмҳо, бақияи вайроннашудаи организмҳои мурда, элементҳои радиоактивӣ, хлориди натрий, сулфати натрий, кислотаи селикат, пайвастагиҳои алюминий, оҳан, магний, бор, калий, фосфор, моддаҳои фаъоли биологӣ, (ҳормонҳо, ферментҳо, витаминҳо, антибиотикҳо) ва ғайра дигар унсуру моддаҳои химиявӣ мавҷуданд. Шӯрии об дар зимистон 10-15% ва тобистон ба 35-40% мерасад. Қисми болои лойқаи зери кӯл бастаи сиёҳи равғанмонанд буда, қабати поёнаш ранги

хокистарӣ дорад ва аз он бӯи гази гидрогенсулфид меояд. Лойқаи давоӣ асосан дар қисми шарқии кӯл воқест, ки ғафсии он ба 50 см мерасад. Асоси шифобахшандагии лойқаро ғайр аз элементу моддаҳои дар боло номбар шуда, об, гилхок, таносуби омилҳои физикӣ, механикӣ, химиявӣ ва биологӣ ташкил медиҳанд. Лойқаи шифокор зери таъсири ин омилҳо дарди баданро таскин мебахшанд, омосу варамро мегардонанд, унсуру моддаҳои нолозимро зимни мубодилаи моддаҳо тавассути системаи ихроҷ аз ҷисми бемор берун мекунанд. Тавассути лойқаи ин кӯл бемориҳои аъзоҳои такягоҳу ҳаракат, ҳозима, системаи асаб, пӯсту пай, баъзе касалиҳои хоси занонаю мардона ва ғайраро бо муваффақият табобат кардан мумкин аст. Ин лойқа хосияти косметикӣ ҳам дорад.

Аз соли 1930 ин лойқаи шифобахшро дар табобатхонаҳои физиотерапевтии ш. Хуҷанд, табобатхонаҳои ш. Душанбе ва минбаъд дар бемористонҳои Чкаловск, Конибодом, Хоҷаобигарм, Ғулакандоз, Зумрад, осоишгоҳҳои канори обанбори Қайроққум, муассисаҳои табо-батию осоишгоҳҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ истифода бурда меоянд.

Ҳоло дар назди Оқсукон боргоҳи табобатӣ амал мекунад, ки дар як вақт метавонад 200-300 нафар ҳоҷатмандон ва дар бемористони Қамишқурғон (6 км дур аз кӯл) соле то 600 нафар беморонро ба табобат фаро гирад. Аз лойқаи шифобахши Оқсукон на танҳо сокинони дохили кишвар, балки сокинони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Россия (шаҳрҳои Москва, Тюмен, Иркутск) ва даҳхо дигар шаҳру ноҳияҳои бурунмарзӣ баръхурдор гардидаанд.

Мавзеи Оқсукон манбаи хӯби ҷамъоварии намаки ошӣ (зимнан захираи онро 1 млн. т ҳисоб карда шудааст ва соле беш аз 35 ҳазор тонна намаки ошӣ истеҳсол мешавад) буда, ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва баъзе музофотҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро бо ин маводи ҳаётан муҳими зиндагӣ таъмин карда мешавад.

**Мушкилоти экологӣ**. Дар баробари он ки Оқсукон ба ҳазорон маризон шифои комил бахшида, онҳоро ба кору зиндагӣ дилгарм менамояд, вале ин кӯли мӯъҷизаангез имрӯзҳо ба монанди беморон ба табобат, ғамхорӣ ва ҳифз эҳтиёҷ дорад. Агар бемории Оқсукон саҳеҳ ташхис нашавад ва ба табобат фаро гирифта нашавад, он гоҳ он фалаҷ ва ба тезӣ нобуд хоҳад шуд. Ин маънои онро дорад, ки марги Оқсукон ҳазорон маризони имрӯзу фардоро аз табобат маҳрум мемонанд. Пас, кадом омилҳо боиси коҳиши нерӯю тавони Оқсукон гардидаанд? Омилҳои ҷойдоштаро ба гурӯҳҳои табиӣ ва инсонсириштӣ тақсим намудан равост. Ба омилҳои табиӣ инҳо дохил мешаванд:

- паст шудани сифат ва миқдори лойқаи давоиро сабаб он аст, ки селу селобаҳои баҳорӣ лойқа, сангреза, шағал ва дигар ҷинсҳои дағалро шӯста аз ҷониби ғарб вориди кӯл месозад. Ин амали носавоб боиси ифлосии обу лойқаи шифобахш мегардад;
- дигар сабаб ин камшавии шӯробаи чашмаҳои доманакӯҳҳои Қизилҷару Оқбел ва дар фасли тобистон зери ҳарорати баланд хушк шудани онҳост;
- сабаби сеюм ин дар фасли тобистон хушкидани оби болои лойқаи давоӣ мебошад.

Ба омилҳои инсонсириштӣ (антропогенӣ) мансубанд:

а) Шӯробаи аз чашмаҳои мавзеи Қарокон мебаромадаро то ба кӯл омада рехтан намемонанд, зеро ин обро дар ҳавзҳо боздошта, мехушконанд аз он намаки ош мегиранд;

б) Сол то сол шумораи аҳолии мамлакат дар афзоиш мебошад, вобаста ба он дар муассисаҳои тиббию табобатӣ талабот ва эҳтиёҷ то рафт беш мегардад ва он масрафи бештари лойқаро металабад. Мувофиқи қоидаҳои маъмул муассисаҳои табобатӣ масъуланд, ки лойқаи истифодашуда, ки сифати аввалаи табобатиашро то

андозае талаф медиҳад, бозпас ба кӯл баргардонанд то ин ки он хосиятҳои шифоии худро дубора (такроран) барқарор намоянд. Аммо қисми зиёди лойқа талаф меёбад, бақияи боқимонда, умуман ба кӯл бар намегардад;

в) Одамони ба худмуоличҷа омада на дар муассисаҳои табобатӣ табобат мегиранд, балки дар болои кӯл гашту гузор менамоянд, хандак мекобанд, худашонро зери намаку лойқа мегуронанд. Аз тарафи дигар ин қабил одамон миқдори муайяни лойқаи давоиро ба халтаҳои селофанӣ андохта онро ба хона мебаранд, ки чунин амал торачҷгарист.

Тақдири минбаъдаи ин дорухонаи табиӣ ба ихтиёри қудрати табиат гузошта шудааст, онро касе назорат намекунад ва баҳри беҳдош-ти ин мӯъҷизаи табиат тадбиру ғамхории ҷиддӣ андешида намешавад.

**Тадбир**. Лойқаи шифокори Оқсукон ин боигарии беҳамтои миллист. Он чун ба монанди дигар сарватҳои зеризаминӣ тамомшаванда мебошад. Аз ин лиҳоз на танҳо ғами дардмандони имрӯзаро хӯрдану ҳоҷати онҳоро баровардан, балки ғами наслҳои ояндаро дар мадди назар дошта, ин лойқаро сарфаю сариштакорона истифода бурда, аз ифлосшавӣ, коҳишёбӣ ва тороҷшавӣ наҷот додан талаботи ақлу инсофи дурбинанда мебошад. Пас, чӣ бояд кард, чӣ тадбиру чораҳо андешид?

Пеш аз ҳама месазад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истифодаи оқилона ва ҳифзи ин сарвати табиию табобатии нодири табиат барномаи махсуси маҷмӯи таҳия ва баҳри амалӣ гаштани он тадбирҳои мушаххас андешида шавад. Яке аз чунин тадбир тадқиқоти амиқи муҳандисию гидрогеологӣ, экологию тиббӣ ва иқтисодию географӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд шароите фароҳам овардан лозим аст, ки барқароршавии лойқаи шифокори кӯл аз миқдори солонаи истифодаи он кам набошад.

а) Чӣ тавре, ки болотар изҳор доштем селу селобаҳо боиси ифлосӣ ва коҳишёбии захираи лойқаи шифобахши кӯл мегарданд. Аз ин хотир тавассути тадбирҳои муҳандисию техникӣ фаъолияти селҳоро коҳиш додан мумкин аст. Чунин тадбир бояд ба самте ҷараён ёбад, ки обҳои мавсимӣ ба осонӣ вориди кӯл шуда тавонанд, вале ҷинсҳои дағалу нолозим боздошта, таҳшин карда шавад. Бо ин мақсад сохтмони селамбор, дарғот ва ҳавзҳо ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

б) Сабаби дигари бад шудани сифати лойқаи давоии кӯл ин барвақт хушкидани оби болои лойқа мебошад. Пас, барои муҳайё намудани ҷараёни мӯътадили физикӣ, химиявӣ ва биологии он аз дигар манбаъҳо об оварда ба кӯл дохил кардан аст. Ин амалро бо ду роҳ таъмин кардан мумкин аст: якум бо роҳи кандани пармачоҳ ва ба сатҳ баровардани обҳои зеризаминии хоҳ ширин ва хоҳ шӯр; дуввум дар ҳолати фароҳам омадани шароити хуби молиявӣ (хоҳ дохилӣ ва хоҳ грантҳои хориҷӣ) тавассути лӯлаҳо ва обкашҳои барқӣ аз обанбори Қайроқум об овардан ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Барои ҳамин ҳам дар яке аз гӯшаҳои кӯл ё халиҷи он ҳавз - озмоишгоҳи мухтор сохта, рафти пайдоишу ташаккул ва барқароршавии хосиятҳои давоии лойқаро ҳаматарафа омӯхта хулоса-ҳои асосноки илмӣ баровардан лозим аст. Танҳо пас аз чунин озмоиши ҷиддӣ онро барои қисмҳои боқимондаи кӯл татбиқ кардан раво мебуд.

в) Барои таъмини сифати лойқаи шифоии кӯл ғилзати (консентратсияи) мӯътадили онро маълум намуда, баҳри бонизом нигоҳ доштани он чораю тадбир андешида шавад. Ҳар сари чанд вақт шӯробаҳои аз Қароқон барояндаро ба Оқсукон равон кардан лозим аст. Аз тарафи дигар муҳаққиқонро лозим аст, ки таъсири мусбату манфии рӯйпӯши намакро омӯхта оиди нигоҳ доштан ва ё аз байн бурдани ин рӯйпӯш тавсияҳои асоснок пешниҳод намоянд.

г) Бо мақсади аз талафоти беасос боздоштани лойқаи давоии Оқсукон, яъне бемонеа ба кӯл баргардонидани лойқаҳои истифодашуда аз тарафи муассисаҳои

табобатӣ ва аз тарафи давоҷӯён ба хона бурдани лойқа хотима дода шавад, назорати қатъӣ ҷорӣ ва дараҷаҳои гуногуни ҷарима, ҷазоҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешниҳод карда шавад.

Бо мақсади сарфаю сариштакорона истифода бурдани лойқаи давоии Оқсукон ташкили истифодаи қитъагӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, зеро дар ин ҷараён ба сифати шифобахшидагии қитъаҳои ҷудогона баҳои миқдорию сифатӣ дода, миқдори ҳақиқии лойқаи давоӣ ба ҳисоб гирифта, баргашти лойқаи давоӣ аз тарафи муассисаҳои табобатӣ назорат бурда мешавад.

д) Хуб мешуд дар атрофи кӯли Оқсукон минтақаи сабзи санитарию истироҳатӣ - дарахтзоркунӣ ба роҳ монда мешуд, гиёҳҳои ба шароити камнамӣ ва ба гармию шӯрзамин тобовар парвариш меёфт. Шояд дар навбати аввал шинонидану парвариш намудани саксавул, черкез ба мақсад мувофиқ мебуд. Парвариши рустаниҳои алафӣ, буттагӣ ва дарахтӣ намуди атрофи кӯлро дилрабо мегардонид, тобистон ҳарорати ҳаво пасттар мегашт, чангу ғубор камтар ба амал меомад, кори харобиовари боронҳои селовар то андозае коҳиш меёфт.

**Бақои умр.** Ниҳоят саволе ба миён меояд, ки захираи боқимондаи лойқаи шифобахши кӯли Оқсукон барои чанд соли оянда мерасад? Барои ба ин савол ҷавоб додан моро лозим аст, ки қаблан ба чанд саволи дигар посух ёбем: 1. ҳоло дар кӯл чанд тонна (ва ё чанд метри мукааб) лойқа боқӣ мондааст; 2. ҳоло ҳар сол чанд тонна лойқа масраф мешавад; 3. дар оянда сарфи лойқа ба чанд тонна боло меравад; 4. чанд тоннаи лойқаи истифода шуда, барои барқарор намудани хосиятҳои давоӣ ба кӯл бармегардад. Ба ин саволҳо ҷавоб пайдо кардан айни замон мушкил аст, зеро дар ин самтҳо ҳисоби оморӣ вуҷуд надорад. Ҳамин қадар маълум аст, ки мувофиқи ҳисоби соли 1932 дар кӯл 100000 тонна лойқа мавҷуд буд, ва то соли 1950 30%-и он харҷ шуда 62430 т боқӣ мондааст ва он мувофиқи баъзе ҳисобҳо барои 30-50 соли оянда мерасад гуфта буданд, вале ин сана сипарӣ шуда бошад ҳам, ҳоло дар кӯл лойқа бисёр аст. Агар тахмин кунем, ки аз соли 1950 то ба имрӯз боз 30%-и лойқаи кӯл талаф ёфтааст, он гоҳ дар кӯл 41620 т лойқа боқӣ мондааст. Агар дар навбати аввал барои муассисаҳои тиббӣ 1000 т лойқа истифода, ва лойқаи истифодашуда мунтазам ба кӯл баргардонида шавад, чунон миқдор барои идомаи ояндаи кор басанда буд. Дар оянда кифоя мебуд, ки ба рақами боло соле 100 т лойқаи нав илова карда шавад, он гоҳ лойқаи кӯл барои 300-400 соли минбаъда мерасад. Ба ҳар навъе, ки набошад тадқиқоти маҷмӯиро доир ба Оқсукон идома дода, истифодаи онро дар асоси меъёри муайян, бо тартиби муайян ва мувофиқи пешниҳоди илмӣ-иқтисодӣ ба роҳ мондан аз рӯи адолат хоҳад буд.

**Хулоса** аз тавсифи мухтасари андешаҳои дар боло овардашуда бар- меояд, ки дар Тоҷикистон захираи лойқаҳои шифобахш дар дохили кӯлҳо фаровонанд, вале онҳо ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Чунин вазъият боиси он гардидааст, ки ин захираҳо ба таври оқилонаю самарабахш истифода намешаванд (истисно лойқаи Оқсукон). Доир ба истифодаи оқилона ва ҳифзи ин неъмати нодири табиат тадбиру чораҳои судманд андешида нашудаанд. Дар ҳолати фароҳам овардани шароити хуби табобат ва истироҳат давоҷӯён ба хориҷи мамлакат камтар мераванд, асъори миллӣ камтар талаф меёбад, дар дохили мамлакат табобат мегиранд, муассисаҳои тиббӣ-табобатӣ афзун мегарданд, одамон бо кор бештар таъмин мешаванд, шароити зиндагиашон беҳбудӣ меёбад.

**Адабиёт**

1. Аброров Ҳ. Тоҷикистон – кишвари кӯлҳои беназир. Душанбе, 2003.

2. Бедер Б.А., Чуршина Н.М. Минеральные воды Таджикистана и их использование и охрана. Душанбе, 1976.

3. Гидрогеология СССР. Т.41. Таджикская ССР. М.1972.
4. Мадумаров В. Лойқаи шифобахш. Душанбе, 1974.
5. Мальцев А.А., Фоменко В.Д. Иловые лечебные пелоиды Таджикистана.// Вопросы гидрогеологии и инженерной геологии Таджикистана». Душанбе, 1965.
6. Пачаджанов Д.Н., Патина Д.Л., Волкова Н.И. Гидрохимия поверхностных вод Таджикистана. Часть 2. Озера. Душанбе, 1999.

УДК 664.2 65.53.39 663.81

***Суфиев М.М.***
*муаллими калон кафедраи экспертизаи*
*молҳо ва фаъолияти гумрук, ДДТТ*

***Назарбекова Н.А.***
*ассистенти кафедраи экспертизаи*
*молҳо ва фаъолияти гумрук, ДДТТ*

*734055, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2.*
*Тел: (+992 37) 2348626,*
*E-mail: tguk@mail.ru*

## АРЗИШИ ИСТЕЪМОЛИИ ШАРБАТИ МЕВАҲО

*Мақола оид ба аҳамияти ғизоӣ ва хусусияти табобатии шарбати меваҳо бахшида шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Боғпарварӣ, шарбатҳо, витаминҳо, моддаҳои маъданӣ*

***Суфиев М.М.***
*старший преподователь кафедры*
*Товарная экспертиза ир таможенное дело, ТГУК*

***Назарбекова Н.А.***
*ассистент кафедры*
*Товарная экспертиза ир таможенное дело, ТГУК*

*734055, г. Душанбе, ул. Деҳотӣ, 1/2.*
*Тел: (+992 37) 2348626,*
*E-mail: tguk@mail.ru*

## ПОТРЕБИТЕЛЬСКОЕ СВОЙСТВО ПЛОДОВО-ЯГОДНЫХ СОКОВ

*Статья затрагивает значение плодово-ягодных соков в питании и его лечебние свойство.*

*Ключевые слова: содоводство, соки, витамины, минералные вещества.*

***Sufiev M.M.,***
*Senior lecture of the Goods expertise and customs department, TSUC*

***Nazarbekova N. A.,***
*Senior lecture of the Goods expertise and customs department, TSUC*

*734055, Dushanbe, Dehoti str., 1/2.*
*Tel: (+992 37) 2348626,*
*E-mail: tguk@mail.ru*

**CONSUMER PROPERTIES OF FRUIT JUICES**

*Article affects the value of fruit juices in the diet and its medicinal properties.*
***Key words:** horticulture, juices, vitamins, minerals.*

Шарбати меваҳо барои сиҳату саломатии одамон нақши муҳимро мебозад. Хусусан онҳоро дар вақти тару тоза будан истеъмол кардан зарур аст. Аз ин рӯ, донистани таркиби мева ва хусусияти шифоию ғизоии онҳо ниҳоят зарур аст.

Ҳангоми бо технологияи зарурӣ тайёр намудани шарбатҳо тамоми маводҳои шифоӣ ва ғизоии меваҳо пурра нигоҳ дошта мешавад. Аз он ҷумла, витаминҳо, карбогидрадҳо, мрддаҳои даббоғӣ, равғанҳои хушбӯй ва ғайраҳо. Меваҳо аз витамини С (кислотаи аскорбин) витаминҳои гурӯҳи $B_1$, PP, провитамини А, намакҳои минералӣ ва ғайра хеле бой аст.

Шарбати меваҳо болаззат буда, нӯшиданашон гуворо аст. Ҳангоми тайёр намудани шарбати меваҳо бояд ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва бехатарии онҳо риоя намудан зарур аст.

Аввал барои тайёр намудани шарбат зарфе, ки аз ҳама ҷиҳат тоза бошад бояд истифода бурд;

Дуюм маҳсулот бояд тару тоза ва нағз пухта бошад, чунки аз меваи норасида, шарбати кам ҷудо мешавад. Қобили қайд аст, ки нақши меваҳо дар ташкил ва барқароркунии саломатии инсон ва таъмини он бо ҳар хел элементҳои зарурӣ, аз он ҷумла, витаминҳо, кислотаҳои органикӣ, моддаҳои минералӣ ва ғайра ниҳоят калон аст. Истеъмоли доимии шарбати меваҳо кори узвҳои баданро ба танзим дароварда, ҳолати руҳию ҷисмонӣ, ҳазми хӯрок, кори дилро беҳтар гардонида, муқовимати организмро аз бемориҳои сирояткунанда пурзӯр мегардонад.

Барои истеҳсоли шарбатҳо дар навбати аввал бояд ба ҷамоварӣ ва ба навъҳо ҷудо кардани маҳсулоти тару тоза диққати ҷиддӣ дод. Хулоса ба тарзи истифодаи меваҳо ҳатман риоя намуд, зеро сифати шарбатҳо ба сифати меваҳо алоқамандии зич дорад. Меваҳое, ки барои истеҳсоли шарбат ҷамоварӣ менамоянд, бояд пурра пухтагӣ бошад. Чунки дар таркиби меваҳои нимпухта миқдори қанд, моддаҳои хушбӯй ва витаминҳо каманд. Барои нигоҳ доштани витамин ва қандҳо дар меваҳо шарбати онро баъд аз ду соати ҷамоварӣ ҷудо намудан зарур аст. Агар чунин шароит фароҳам набошад, бояд меваҳоро дар таҳхонаҳои хунук, торик ва яхдонҳо то ҳарорати 1-3$^0$С нигоҳ доштан зарур аст.  Пеш аз ҷудо намудани шарбати мева, меваҳоро бояд аз чангу хок ва дигар ифлосиҳо тоза карда дар об тоза бояд шуст. Пас аз шустан онҳоро камтар дар таги оби равон бояд нигоҳ дошт.Олуча, қоти сиёҳ, қоти сурхро дар сабатчаҳое, ки ҷобаҷо кардаанд, бояд шуст. Барои ин онҳоро дар зарфи калони обдор андохтан лозим аст. Себ, нок, олу ва биҳиро бошад, дар сабатча мешӯянд.

Дар таркиби шарбати ба тозагӣ ҳосилшуда, албатта ҳиссачаҳои хурди маҳсулот боқӣ мемонад. Дар шарбати баъзе меваҳо (афлесун, нок, зардолу) чунин ҳиссачаҳо дар шарбат буда, маводи муҳими ҳаётии барои бадан заруриро дорад (аз он ҷумла витаминҳо) ва тоза кардани онҳо сифати шарбатро паст мекунад. Аммо дар шарбати ангур ғайр аз маводи фаъолияти ҳаётӣ боз ҳиссачаҳои бисёр

майдакардашудаи он низ ҷой дорад. Аз ин ҷиҳат онҳоро ҷудо кардан лозим аст. Аз ҷиҳати технологӣ шарбатҳо соф, хира ва ҳамчунин бо лаҳми мева дошта тақсим мешаванд.

Шарбатҳои соф кардашудаи асилро аз як намуди мева бе омехта намудани қанд тайёр менамоянд. Дар ин шарбатҳо ҳиссачаҳои меваҳо боқӣ мемонад ва соф карда намешавад. Аз ин ранги онҳо хирашакл бошад, ҳам ба бадани одам хеле фоидаоваранд. Шарбатҳои софи асилро бо ёрии филтратсия аз ҷудо намудани таҳшинҳои онҳо ва таъсири гармӣ тайёр менамоянд, ки ранги тозаи дилкаш дорад. Аз қабили маҳсулоти соф ва асиланд. Аммо нисбат ба шарбатҳои соф кардашуда аз ҷиҳати маззаю моҳияти ғизонокиашон пастаранд.

Шарбати асили лаҳмдор аз нуқтаи назари ғизоӣ ниҳоят аълоянд ва аз меваи тару тоза фарқ надоранд. Барои истеҳсоли чунин шарбатҳо меваҳоеро истифода мебаранд, ки таркибашон аз маводи дар об ҳалшаванда бояд. Ин гуна шарбатҳо бо шакар ва бешакар тайёр карда мешаванд.

Шарбатҳоро дар зарфҳои шишиагин маҳкам мекунанд ва ҳамчун нӯшоба истифода мебаранд. Ин гуна шарбатҳо ҳангоми нигоҳ доштанашон дар зарф ба дуқабат ҷудо мешаванд. Аз ин рӯ пеш аз истифода бурдан онҳоро таконидан лозим аст. Шарбати ба тозагӣ ҷудо кардашударо, ки аз ҳиссачаҳои фаровони иборатанд, бо ёрии матоъи буммазӣ ё докаи чорқабата меполанд.Зарфи калони сирдорро дар оташ гузошта, шарбаташро то 75-80$^0$С гарм мекунандва ин ҳароратро 3-4 дақиқа нигоҳ медоранд.Гуфтан зарур аст, ки агар ин корро болои оби ҷӯшида истода анҷом диҳем, боз ҳам беҳтар мешавад.Баъди ин кор шарбати гармшударо ба ягон зарфи калони оби хунук дошта ҷойгир намуда шарбатро хунук менамоянд ва боэҳтиёт 2 соат дам медиҳанд, то ки таҳшинро ба ҳаракат наоранд. Шираи софшударо ба зарфи тоза шуста ва хунуккардашуда бо ёрии шланги резинӣ кашида мегиранд ва аз нав гарм мекунанд.

Ҳангоми ҷамъоварии меваҳо ва ҷудо намудани шарбати онҳо бояд чунин қоидаҳо риоя намуд:

1. Меваҳоро бояд боэҳтиёт ҷамоварӣ кард, то ки захмдор нашаванд ва микробҳоро ҷамъ наоранд;
2. Меваҳо бояд нағз пӯта расида ва сероб бошанд;
3. Меваҳои зарардидаро ҷудо карда гирифтан лозим аст;
4. Меваҳои пӯхтагузашта, мағорзада ва бӯйнокро истифода бурдан лозим нест;
5. Баъд аз 2 соати ҷамъоварӣ намудан ва кашонидан шарбатро ҷудо намудан зарур аст;
6. Агар барои гирифтани шарбат шароити мусоид набошад, онҳоро то фароҳам омадани шароит дар таҳхонаҳои хунук ё яхдонҳо дар ҳарорати 1-3$^0$С бояд нигоҳ дошт.

**Адабиёт**

1. Василев Г.А. Нагоперянц Н.А. Коммерческая товароведения и экспертиза. Москва 1997.
2. Николаева М.А. Товарная экспертиза. Москва 1998.
3. Журавлёва М.Н. Троян А.В. Товароведение продовольстенных товаров. Теоретические основы, зерномучные товары, плоды и овощи. Москва 1995.
4. Фақеров Ҳ.Н., Ҳикматов С.И., Суфиев М.М. Молшиносӣ ва экспертизаи молҳо. Душанбе: Империал-групп, 2009.

УДК 330.5(575.3):620.9.

***Назарова Г. Ш.,***
*Ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДТТ*

***Қаландаров А.А.,***
*н.и.г., дотсент, мудири кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва молияи ДИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто.*

*734055, ш.Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2,*
*Тел: (+992 37) 234 86 26*
*E-Mail: tguk@mail.ru*

## ИДОРАКУНӢ ВА РУШДИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар мақола доир ба роҳҳои тараққиёти гидроэнергетика ва идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,бунёди стансияҳои обии барқӣ бо назардошти шароит ва имконяти кишвар мавриди назар шудааст. Дар ин маврид, ба андешаи муаллифон пеш аз ҳама манфиатҳои миллии мамлакатҳои Осиёи Марказиро ба инобат гирифтан аз аҳамият холӣ нест. Бинобар ин, Туркманистон, Узбекистон ва Тоҷикистонро зарур аст, ки мушкилотҳои мавҷударо дар ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳал намоянд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *гидроэнергетика, ирригатсия, энергетика, энергоэкосистема, экоситема,иқтидор, обанбор.*

***Назарова Г.Ш.***
*Ассистент кафедры мировая экономики ТГУК*

***Каландаров А.А.,***
*к.г.н., доцент, зав. кафедры экономики и финансы ИГУ при Президенте Республики Таджикиста.*

*734055, г.Душанбе, ул. Дехоти 1/2,*
*Тел: (+992 37) 234 86 26*
*E-Mail: tguk@mail.ru*

## УПРАВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

*Статья посвящена решению развитию приоритетного сектора гидроэнергетики, их строительства гидроэлектростанций с учётом условиям и возможности нашей республики. Теперь должно служить интересам двух или более стран Центральной Азии (пособий: ирригационные и энергетические). Вот почему Туркменистан, Таджикистан и Узбекистан должны устранить существующие проблемы совместно.*

***Ключевые слова:*** *гидроэнергетика, ирригация, энергетика, энергоэкосистема, экосистема, мощность, водохранилищ.*

***Nazarova G.S.,***
*Assistant of the World economy Department of the TSUC*

***Kalandarov A.A.,***
*c.g.s., associate professor, Head of the Economics and finance Department of the SMI under the President of the Republic of Tajikistan*

*734055, Dushanbe, Dehoti str. 1/2,*
*Tel: (+992 37) 234 86 26*
*E-Mail: tguk@mail.ru*

**MANAGEMENT AND DEVELOPMENT OF HYDROPOWER IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

*The article deals with the solution of priority sector development of hydropower resources of their construction advantage to the conditions of our country. Now must serve the interests of two or more countries of Central Asia (benefits: irrigation and energy). That's why Turkmenistan, Tajikistan and Uzbekistan must eliminate the existing problems jointly.*

***Key words:*** *hydro energy, irrigation, energy, energo-ecosystem, ecosystem, power, reservoir.*

Гидроэнергетика яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакат буда, ҳиссаи энергияи барқ дар энергосистемаи Тоҷикистон зиёда аз 95% мебошад, ки тавлидгарони асосии барқи обӣ ин истгоҳҳоянд [1] (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Истгоҳҳои барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номи истгоҳи барқӣ | Иқтидор, МВТ |
|---|---|
| Норак | 3000 |
| Бойғозӣ | 600 |
| Сангтуда-1 | 670 |
| Қайроққум | 126 |
| Сарбанд | 240 |
| Шаршара | 29,95 |
| Марказӣ | 15,1 |

Ҳоло сохтмони нақби Сангтуда -2 низ анҷом ёфта, имкониятҳои дигар оид ба сохтмони чунин нақбҳо дар пешанд. Дар байни солҳои 50-80-и асри гузашта сохтмони нақбҳои барқи дар кишвари мо авҷ гирифта буд. Дар охири ин давра истеҳсоли солонаи қувваи барқ ба 16 млрд квт соат расида буд. Дар он вақт шумораи аҳолии мамлакат 4 млн нафарро ташкил медод, ки ба ҳар сар одам дар як сол 3,7 ҳаз. квт соат барқ мувофиқ меомад, ки ин нишондиҳандаи хело назаррас буд. Ин сабаб гардид, ки иқтисодиёти ҷумҳурӣ хело пеш рафт. Дар ин муҳлат маҷмӯи маҳсулоти миллӣ 13,5 баробар, маҳсулоти саноат 15,5 баробар, майдони заминҳои обёришаванда 2,2 баробар афзуда буд, ки дар обёри нақши пойгоҳҳои обкашӣ хело калон буд. Сохтани обанборҳои Қайроқум (1957) ва Норак(1978) сабаб гардид, ки майдонҳои зиёд дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз худ карда шаванд. Лоиҳаҳои нав оид ба тараққии ин соҳа дар солҳои 80-ум мавҷуд буданд, ки асосан бунёди накбҳои калонро дар назар доштанд.

Охири солҳои 80 –ум барномае таҳия гардида буд, ки мувофиқи он дар Точикистон бояд 8- нақби калон, аз ҷумла 3-то дар Помир сохта мешуд, ки ҳамаи онҳо бояд аз ҳисоби маблағи давлатӣ он вақта сохта мешуд. Ҳамаи ин ба он хотир буд, ки Тоҷикистон дорои захираҳои калони гидроэнергетикӣ мебошад. Ҳоло бошад вазъият оид ба истифодаи барқ хело ҳам ташвишовар мебошад. Агар қаблан дар байни мамлакатҳои минтақа доду гирифти барқ мавҷуд бошад, ҳоло ин нест. Аз ин сабаб ҳоло дар кишвари мо дар фасли зимистон 3-4,5 млрд кВт соат барқ

намерасад. Тобистон бошад 1,5 млрд кВт соат барқӣ зиёдати истеҳсол мешавад, ки харидорӣ худро надорад. Аз ин сабаб барпокунии истгоҳҳои барқӣ масъалаи афзалиятноки мамлакати мо дар олами муосир мебошад. Дар ин вақт бояд манфиатҳои ду ва бисёртарафаи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба инобат гирифта шавад (манфиатҳои ирригатсионӣ ва энергетикӣ). Бинобар он Туркманистон, Узбекистон ва Тоҷикистонро зарур аст, ки мушкилотҳои мавҷударо дар ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳал намоянд. Барои баробар шудан ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ бояд иқтисодиёти Тоҷикистон 6,8-11,4 баробар афзоиш ёбад, ки ин фақат дар сурати пешрафти энергетикӣ мумкин аст. Ин чорабинӣ инчунин ҳамоҳанги протоколи Киото мебошад. Чунки бунёди муассисаҳои гидроэнергетикӣ гази карбон хорич накарда муҳитро низ ифлос намекунад.Зикр бояд кард, ки дар давраи шӯравӣ оид ба ҳамгирои иҷорабиниҳо бобати риояи ҳамгирои дар ҳалли масъалаҳои гидроэнергетикӣ ва ирригатсионӣ корҳои назаррас анҷом дода мешуданд. Пас аз пошхурии давлатӣ абадқудрат оид ба ҳалли мушкилотҳои гидроэнергетикӣ ва ирригатсия дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ нофаҳмиҳо пайдошуда ин хилофатҳо дар солҳои охир чуқуртар шуда истодаанд. Чунин тезутундшавии муносибатҳо пеш аз ҳама вобастааст ба саршавии корҳои барқароркунӣ дар сохтмони нақби барқии обии Роғун бо иқтидори 3600 МВт бо обанбори 13,3 км куб ва нақбҳои Камбаратин дар Қиргизистон (ду нақб бо як обанбор дар нақби якум, бо хаҷми 5 км куб). Оид ба ҳалли ин проблемаҳо дар олам ақидаҳо гуногунанд. Аз ин лиҳоз ҳалли ин масъала бояд дар худи минтақа ба суббот расонида шавад. Сарварони дигар мамлакатҳои минтақаро зарураст, ки мушкилиҳои имрӯз сарзадаро дуруст дарк кунанд ва оид ба ҳалли воқеии масъала сари як миз нишинанд.

Моҳи апрели соли 2010 котиби генерации ТДМ Пан Ги Мун ба Осиёи Марказӣ сафар карда дар яке аз баромадҳояш гуфта буд, ки захираҳои табиии Осиёи Марказӣ бояд одилона истифода шаванд ва барои истифодаи оқилонаю одилона пеш аз ҳама сарварони мамлакатҳо ҷавобгӯянд ва бояд бо мақсади ҳалли он сари миз нишаста тавассути гуфтушунид масъаларо ҳал намоянд.

Мусаллам аст, ки афзоиши мунтазами аҳолии минтақа дар оянда сабаби боз ҳам зиёдшавии заминҳои обёришаванда ва истифодаи об мегардад (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Зиёдшавии майдони заминҳои обёришаванда дар ҳавзаи Арал ( ҳаз.га).**

| Сол | Қазоқистон | Қирғизистон | Тоҷикистон | Туркманистон | Узбекистон | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1990 | 782 | 410 | 706 | 1329 | 4222 | 7449 |
| 1995 | 786 | 416 | 719 | 1736 | 4298 | 7955 |
| 2000 | 786 | 415 | 719 | 1714 | 4259 | 8101 |
| 2010 | 806 | 434 | 1064 | 2240 | 4355 | 8899 |
| 2025 | 815 | 471 | 1188 | 2778 | 6441 | 11693 |

Хилофи ирригатсия захираҳои гидроэнергетикӣ, ки хело ҳам кам аз худ карда шудаанд. Масалан агар захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон 527 млрд кВт соат сол бошад, ҳоло фақат15-17 млрд аз худ карда шуда, аз 246 млрд кВт-и Қирғизистон танҳо 10-14 млрд аз худ карда шудаасту халос. Аз ин сабаб дар Осиёи Марказӣ гидроэнергетика соҳаи хело хам афзалиятнок мебошад.Зикр бояд кард, ки пешрафти гидроэнергетика ва дигар сохаҳои хоҷагии халқ дар Осиёи Марказӣ бе идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ ғайриимкон аст, ки дар олами муосир

идоракунии ҳамгироёна беҳтарин усули идоракунии захираҳои об ҳисобидашуда,ин усулҳоро дар назар дорад:

-идоракунии захираҳои обӣ дар доираи сарҳадҳои гидрографии ҳавзаҳо; -ба ҳисобгирӣ ва истифодаи ҳама намуди захираҳои обӣ;

-мувофиқа кардани ҳавасмандии истифодабарандагони об дар соҳаҳои гуногун;

-мувофиқа кардани идоракунии захираҳои об дар сатҳҳои гуногун;

-таъмин намудани иштироки васеи мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар идоракунии захираҳои обӣ;

-риояи муносибати экосистемавӣ;

-сарфакорона,оқилона ва муфид истифода бурдани захираҳои об;

-беҳдошти таъминоти иттилоотӣ;

-амали гардонии чорабиниҳои боло сабаб мегардад, ки:

-даромад зиёд шуда сатҳи камбизоати паст фарояд;

-аҳолӣ бо кор таъмин гардад;

-саломатии аҳолӣ беҳ гардад;

-ҳифзи муҳити зист беҳ гардад;

-сатҳи маърифати экологии аҳолӣ баланд гардад.

Албатта амали гардонии ҳама гуна чорабинӣ бемавҷудияти маблағи муайян ғайриимкон аст, ки солҳои зиёд ба зиммаи давлат гузошта мешуд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1996 таҳти №460 «Дар бораи ҷорӣ намудани пардохт ба хизматрасониҳо оид ба обтаъминкунӣ аз системаҳои давлатии обёрикунию ва обдиҳӣ» ва ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ боис гардид, ки тадриҷан ҳиссаи давлат дар ҷудокунии маблағ бо мақсади дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани системаҳои обёрӣ кам гардида, ҳамагӣ ба 20% наздик буда, боқимонда зиёда аз 80% аз ҳисоби истифодабарандагони об пардохт карда шавад. Лекин ин пардохт на ҳама вақт дар ҳаҷми муайян ва сари вақтӣ амалӣ карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Назриев Д., Салимов Т. Обҳои Тоҷикистон: дар бораи онҳо чӣ медонед? Душанбе,2000.
2. Валаматзоде Т.Г. Водные ресурсы: стратегия национальной и региональной политики. Экономика Таджикистана. Стратегия развития 1999 №3 с.107-113.
3. Муртазаев У.И.Водные ресурсы Таджикистана. Душанбе,2003.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2015 года. Душанбе,2006.
5. Назриев Д., Салимов Т. Обҳои Тоҷикистон: Душанбе,2000.
6. Мусоев З., Каландаров А.А. Имкониятҳои истифодабарии захираҳои обӣ-энергетикии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии иқлим. Душанбе, 2009.
7. Мусоев З. Масъалаҳои идоракунӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои обии Осиёи Марказӣ. Душанбе,2010.
8. Муртазаев У.И. Состояние и перспективы интегрированного управления водными ресурсами в Республике Таджикистан. Душанбе, 2010.
9. Мусоев 3. Водно-ледниковые ресурсы Таджикистана и их использование.// Водные ресурсы, их использование и охрана». Горький, 1985.

УДК 631.15:635.1/9

***Қосимов М.***
*н.и.и., дотсенти ДДТТ*
*734055, Душанбе, ул. Деҳоти 1/2,*
*Тел: (+992 37) 2348346,*
*E-mail: tguk@mail.ru*

**МЕВАПАРВАРӢ ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**

*Дар мақола яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии қишлоқ - мевапарварӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, аҳамияти он дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақаҳои Тоҷикистон муайян карда шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ**: минтақа, мевапарварӣ, сарчашма, соҳаи кишоварзӣ, маводи истеъмолӣ, рушди иқтисодиёт*

***Косимов М.,***
*к.э.н., доцент ТГУК*
*734055, Душанбе, ул. Дехоти 1/2,*
*Тел: (+992 37) 2348346,*
*E-mail: tguk@mail.ru*

**ФРУКТОВОДСТВО ОДИН ИЗ ИСТОЧНИКОВ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

*В статье исследовано фруктоводство - как один из важных отраслей сельского хозяйства, выявлено его значение в обеспечение экономического роста в регионах Таджикистана.*

***Ключевые слова:** регион, фруктоводство, источник, сельское хозяйство, продукты потребления, экономический рост.*

***Qosimov M.,***
*c.e.sc., docent of TSUC*
*734055, Dushanbe, Dehpti str. 1/2,*
*Tel: (+992 37) 2348346,*
*E-mail: tguk@mail.ru*

**FRUIT-ONE OF THE SOURCES OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS**

*In the article studied fruit-one of the important sectors of agriculture, revealed its importance to economic growth in the regions of Tajikistan.*

***Key words:** region, fruit-source, agriculture, consumer products, economic growth.*

Тоҷикистон таърихи бою бисёрсолаи боғдориро соҳиб мебошад ва аз қадимулайём боғоту ангурзори мамлакат қисми ҷудонашавандаи маводи истеъмолии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давоми таърихи тулонии ҳаёту фаъолияти аҳолии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси дарахтони мевадиҳандаро омӯхта, аз байни онҳо намудҳои махсусро интихоб ва ҷойдори намуда, навъҳои беҳамто офаридааст,

ҳосили парваришёфтаро барои истеъмол чун маводи хӯрока ва махсулоти парҳезию табобати пешниход кардааст.

Зардолу яке аз меваҳои васеъпаҳнгардида ва ҳосили баланду устувордиҳанда буда, он дар манотиқи гуногуни Тоҷикистон дар давоми ҳазорсолаҳо парвариш меёбад.

Дар вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Бадахшони Куҳӣ меваи зардолу маводи махсусан зарури истеъмолии аҳоли ба ҳисоб меравад. Навъҳои гуногуни ин дарахти нодири мевадиҳанда дар давоми давраҳои тулони, ки аз заҳмати зиёди аҳолии маҳаллии ин ё он минтақа ба даст омадааст, бо мурури замон ба минтақаҳои дигари Осиёи Марказӣ ва берун аз он васеъ паҳн гашта, майдонҳои зиёдро ташкил менамоянд. Меваи ин дарахт, дар хакикат, баҳои арзандаи худро дар мамлакатҳои гуногуни дунё дарёфт кардааст.

Аз байни навъҳои офаридашудаи аҷдоди дарахти зардолу, ки дар манотиқи гуногуни Осиёи Маркази паҳн гардидаанд, ба монанди: «Мирсанҷали», «Қандақ», «Бобоӣ», «Хурмоӣ», «Субҳонӣ», «Исфарак», «Фалгарӣ», «Ғулингӣ» ва дигарон, истеҳсоли меваи он мавқеъи махсус доранд.

Меваи навъҳои номбурда дар минтақаҳои ҷойгиршавии онҳо барои таъмини талаботи рӯзгори мардум бо моддаҳои ғизои ва витаминхою микроэлементҳо нақши арзандаро мебозад.

Ҳудуди парвариши зардолуи дастпарвар аз 50 арзи шимолӣ то 35 арзи ҷануби ва қисман он то 61 арзи шимолӣ (Норвегия) паҳн гаштааст. Зардолу хамчун зироати дастпавар дар минтақаҳои муътадили гарм ва қисман тафсони нимкураи шимоли ва минтақаҳои гарму муътадили нимкураи ҷануби маъмул аст. Майдони боғҳои зардолу дар минтақаҳои гуногуни чахон такрибан 350 ҳазор гектарро ташкил мекунад (ҷадвали №1).

**Ҷадвали 1.**

**Майдони боғҳои зардолу, соли 2005**

| № б/т | Давлатҳои асосии истехсолкунандаи меваи зардолу | Майдони боғҳои зардолу (ҳазор /га) | Ҳосилноки, (т/га) | Ҳосили умуми, (ҳазор тонн) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Туркия | 63,5 | 6,9 | 444,0 |
| 2 | Эрон | 32,0 | 8,9 | 285,8 |
| 3 | Испания | 22,6 | 6,3 | 142,3 |
| 4 | Руссия | 18,0 | 3,5 | 63,0 |
| 5 | Италия | 15,0 | 7,4 | 111,0 |
| 6 | Фаронса | 13,0 | 9,6 | 285,0 |
| 7 | Марокко | 12,6 | 7,8 | 97,9 |
| 8 | Сурия | 12,0 | 8,0 | 100,9 |
| 9 | Арманистон | 12,0 | 12,0 | 82,0 |
| 10 | Украина | 10,0 | 8,0 | 80,0 |
| 11 | ИМА | 7,3 | 12,2 | 88,8 |
| 12 | Греция | 4,7 | 15,9 | 75,0 |
| | Ҳамагӣ | 222,7 | 8,9 | 1855,7 |

Тоҷикистон яке аз қадимтарин минтақаи парвариши зардолу ба ҳисоб меравад. Мутобиқати хуби дарахти зардолу ба шароити махал, ҳосилдихии харсолаи он ба хама маълум аст. Меваи он аз қадимулайём аз тарафи аҳоли хамчун маводи ғизоии хуштаъму болаззат истифода карда мешуд, инчунин кисми махсулоти коркарди он ба минтақаҳои бурунмарзи содирот мегашт.

Ҳоло зардолу яке аз намуди афзалиятноки мевагии Тоҷикистон ба шумор меравад. Майдони зардолузорҳо дар Тоҷикистон тахминан баробар ба 50% майдонҳои умумии боғҳои зардолугии собиқ Давлати Шӯравӣ ё 10-12 % майдонҳои ҷаҳонии онро ташкил медиҳад. Майдони умумии феълии боғҳои зардолу дар ҷумҳурӣ 39 ҳазор гектар мебошад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Майдони боғҳои зардолу дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби га), соли 2010**

| Минтақахо | Майдони боғҳои зардолу, га |
|---|---|
| Вилояти Суғд | 33000 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 3000 |
| Вилояти Хатлон | 1700 |
| Нохияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1300 |
| Дар ҷумҳури | 39000 |

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вактҳои охир барои рушди соҳаи боғдори ва токпарвари ахмияти махсус дода, барномаи давлати оиди барқарор кардани боғҳои кухна ва бунёди боғҳои навро барои солҳои 2007-2010, инчунин бунёди боғу токзорҳои нав дар солҳои 2010-2014, (то 46900 га) қабул намудааст; аз ин ҳисоб 16700 га бояд боғҳои зардолу ташкил диҳад.

«Зардолуи тоқик» ба ақидаи А.Пулодов [8] – ин доди тайёри табиат танҳо барои истеъмол нест. Мушоҳидаҳо дар тӯлии ҳазорсолаҳо оид ба зардолу ба одамон имкон доданд, ки хусусиятҳои хоси парвариши онро омузанд, талаботашро ба ҳисоб гиранд.

Одамон дониши худро бой карда, эҳтиёҷи тағйирдиҳии табиати зардолуро ба манфиати зарурии худ равона карданд. Бо усули интихоб аз руи аломатҳои гуногун дарахтон ҷудо карда мешаванд: яке аз руи ҳосилнокӣ, дигаре аз рӯи пешпазии мева, сеюм аз руи зебогии калонии мева, чорум аз рӯи устуворӣ, ба шамолҳое, ки дар ин минтақа ҷой дорад ва ғ.

Аз меваҳои хуб донакҳоро ҷудо карда гирифта дар марзаҳо ва атрофи қитъаҳои замини худ мекориданд. Дар натиҷа як қатор навъҳои ба маҳал мутобиқ ва бо сифати баланди мева пайдо шудаанд. Ба мурури замон намунаҳои хубро бо усули пайванд афзоиш доданд. Ҳамин тавр, бо роҳи селексияи халки чунин навъҳои маъмул пайдо шуданд. Аз ҷумла: «Хурмоӣ», «Субҳонӣ», «Мирсанҷалӣ», «Бобоӣ», «Қандак», «Хучандӣ», «Моҳтобӣ», «Сафедак», «Наботак», «Фалгарӣ», «Исқодарӣ», «Кошифӣ» ва дигарҳо.

Дар Бохтар ва Суғди қадим зардолу ҳамчун рамзи тоҷиконро мебозид. Шарбати таъмаш нотакрору шифобахш аз боғҳои мевадиҳандаи Тоҷикистон имрӯз берун аз марзи он машҳур аст. Минтақаҳои қадимаи парвариши зардолу, бе шубҳа Осиёи Марказӣ (Тян-Шани ғарбӣ), ба ҳисоб меравад.

Тавассути ҷустуҷуиҳои археологӣ дар водиҳои Зарафшону Фаргона донакҳои зардолу ёфт шудаанд, ки ба 5-6 ҳазорсолаи то давраи мо тааллуқ доранд [3].

Муҳимтарин минтақаҳои қадимаи парвариши зардолу водиҳои Фаргонаю Зарафшон мебошанд. 65% майдони умумии зардолузорҳои Осиёи Марказӣ дар водиҳои Фарғонаю Зарафшони вилояти Суғд ҷойгир шудаанд. Хусусиятҳои биологии зардолу гуногун мебошанд. Навъҳои зардолуи дар ҳудуди Тоҷикистон паҳнгашта ба намуди «Armeniaca Vulgarislam» тааллуқ дошта ба гуруҳи Осиёи Марказӣ дохил мешаванд.

Дар баъзе мавридҳо миқдори ниҳоят ками дарахтон аз намуди A.dasycarpa [7] во мехурад. Зардолуи маҳалли навъу шаклу намунаҳои хеле зиёд дошта аз руи давраҳои пухта расидани мева шакл, андоза, ранг, таъм, сифатҳои технологи, таркиби химиявӣ ба баъзе хусусиятҳои биохимиашон тафовут доранд [2,3,4,6,8]. Хусусияти фарққунандаи биологии навъҳои махали аз навъҳои аврупои - ин гули худгардолуднашавандаи онҳо мебошад [5,6]. Синну соли кисми зиёди навъу шаклҳои дарахтони зардолуи махалли, ки бепайванданд (хасаки), аз 75-80 сол зиёд буда назар ба навъҳои аврупои хело дарозумранд.

Дар дехаҳои Ворух, Чоркуҳ ва гирду атрофи нохияи Исфара: деҳаҳои Рарз, Фатмев, Зосун, Варзи- Манори нохияи Айнии вилояти Суғд дарахтони 200-250 солаи навъҳои «Хурмоӣ», «Бобоӣ», «Искодарӣ», «Фалгарӣ», «Мирсанҷалӣ» ва ғайра мавҷуданд, ки то имруз ҳосили хело зиёд медиханд ва сифати меваашон ниҳоят баланд аст.

Зардолу – дарахти нисбатан рушноидуст, ба ҳарорати пасти то 27 ва хунукии кутохмудати то -30-32° тоб оварда, осеб намебинад.

Зардолу дарахти зудамал ва тезбароваранда мебошад. Аксарияти навъхо аз 3-4 солаги ба ҳосилбандӣ сар карда дар 5-6 солагиашон ба ҳосилбании пурра медароянд. Ҳосилбандии мунтазами зардолу аз шароити иклими махал ва сатхи гузаронидани корҳои агротехники дар боғ вобаста аст.

Дар шароити Тоҷикистон навъҳое, ки моҳи май, дар давраи норасогии мева пухта мерасонд, мухлати истеъмоли меваи навро 10-20 рӯз пештар таъмин мекунанд. Бо вучуди ин, навъҳои миёнараси самти истифодабарии меваашон гуногун (тару тоза истеъмолкуни, коркарди саноати, хушккуни) нисбатан арзишнок ба ҳисоб мераванд.

Дар Тоҷикистон меваи зардолу аз қадимулайём яке аз махсулотҳои зарурии ғизои ба ҳисоб меравад. Чунки истеъмоли он гуруснагиро тез таскин бахшида, баданро бо витаминхо ва микроэлементҳои зарури таъмин мекунад ва ба шифоёбии баъзе касалиҳо дармон мебахшад.

Боигарии таркиби кимиёвии меваи зардолу аз шароити хоку иқлими парвариши он вобаста мебошад. Меваи тару тозааш дорои 7,8-32,8% моддаҳои хушк, 4,7-20 % кандхо, 1,12- 1,35% моддаҳои нитрогени, 0,38-6,8% ҷавҳар (туруши лиму ва қисман турушии себ), 4,0-7,1% пектин, 0,62-0,72% намакҳои калий, магний ва ангидроиди фосфор , 3,1-17,5 мг дар 100 г. Витамин 5,15 мг. Дар 100 гр.каротин (витамин А) ва 0,05 мг. дар100 г.витамини В мебошад. Дар таркиби меваи хушкаш 51,6-72,6% кандхо мавҷуданд. Дар меваи тару хушкаш микдори зиёди макро- ва микроэлементхо мавҷуд аст [4,5,6].

Таркиби биокимиёвии байни ин меваро ба ҳисоб гирифта, онро ба гуруҳи ғизоҳои парҳези дохил намудаанд.

Олимон исбот кардаанд, ки моддаҳои фаъоли биологии дар меваи зардолу мавҷудбуда, кобилияти аз бадани одам рафъкунонандаи моддаҳои заҳрнок ва радиоактивии зараррасон, инчунин дагалҳои нолозимро доранд.

Меваи зардолуро ҳамчун воситаи беҳтаркунандаи хазми хӯрок, мунаффас сабуккунандаи сулфа, табшикан ва пешоброн истифода мебаранд. Истеъмоли он махсусан барои кӯдакон зарур ба кадкаши ва солимгардонии бадан, кувватбахш аст. Меваи зардолу барои табобати касалиҳои меъдаю руда ва мубодилаи моддахо дар бадан тавсия карда мешавад. Истеъмоли зардолу туршии ширaи меъдаро ба танзим меорад, аз ин ру сабаби беҳтаргардии фаъолияти ҷигар ва талха мегардад. Инчунин задолуро ҳангоми шамолхурӣ истифода мебаранд. Мавҷудияти миқдори зиёди оҳан

дар меваи зардолу, хусусияти шифоии онро барои камхунӣ баррасӣ карда, барои зиёдшавии гемоглобини хун ва дарди дил ахмияти калон дорад.

Меваи пурра расидаи зардолу дорои миқдори зиёди бета-каротин провитамини «А» мебошад. Муайян карда шудааст, ки бо туфайли миқдори зиёди каротин доштан меваи зардолу организмро аз саратони шуш, меъда, масана, сурхрӯда ва касалии гулӯ ҳимоя мекунад. Барои таъмини организм бо каротин дар давоми як шабонаруз истеъмоли аз 3/4 хиссаи стакан шарбати зардолу, ё 6-8 дона меваи тару тоза ё ин ки 8-10 меваи хушки он кифоя аст.

Мавҷудияти намакҳои хаётан муҳими кали таркиби меваи зардолу хангоми истеъмоли мунтазами он, имконият ба вуҷуд меорад, ки аз организм бо воситаи пешоб моддаҳои зараровар рафъ гашта, пайдошавии касалиҳои хун ва дилу рагхо пешгири гардад.

Мавҷудияти микдори зиёди фосфор ва магний дар меваи зардолу ба зиёдшавии фаъолияти фикри ва бехтаргардии хотира мусоидат мекунанд. Магний дар мева хосияти ғизоии зардолуро афзуда, боиси он гаштааст, ки онро ба ҷойи нон истифода баранд, организми худро бо сафеда таъмин намоянд. Ин ба солимии бугумхо ва рагҳои хунгузар мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, аз сабаби зиёд будани кандхо дар таркиби меваи зардолу истеъмоли онро ба шахсони гирифтори касалии диабети қанд тавсия намекунанд.

Ривояте ҳаст, ки дар куҳҳои Ҳиндустону Тибет қабилае бо номи Хиндзу зиндаги кардаасту мардумаш 100-130 сол умр медидааст ва бо зебоғӣ, солимӣ ва чолокӣ машҳур буданд.

Тадқиқотҳои олимон нишон додаст, ки 90% таркиби хӯрокашон зардолу буда аст.

**Ҷадвали 3.**

**Зардолуҳои Тоҷикистон**

| Намунахо | Равғанноки, % | Туршиҳои равғани, % дар мачмуъ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Палминтини | Палмитолени | Стеарени | Олеини | Линолеви | C18:2/C18:1 |
| ВВ-5 | 58,8 | 4,8 | 0,7 | 1,0 | 7 | 15,5 | 0,20 |
| ВВ-6 | 55,8 | 4,6 | 0,7 | 0,9 | 70,2 | 23,6 | 0,34 |
| ВВ-9 | 55,1 | 4,2 | 0,5 | 1,0 | 75,0 | 19,3 | 0,26 |
| ВВ-10 | 58,0 | 4,3 | 0,6 | 0,8 | 79,0 | 15,9 | 0,20 |
| Бо ҳисоби миёна | 56,9 | 4,5 | 0,62 | 0,92 | 75,6 | 18,6 | 0,25 |
| Гф-101 | 51,9 | 3,9 | 0,5 | 1,1 | 81,6 | 12,9 | 0,16 |
| ГФ-104 | 48,0 | 4,3 | 0,5 | 0,7 | 78,3 | 16,8 | 0,21 |
| ГФ-112 | 48,6 | 4,0 | 0,3 | 0,6 | 80,3 | 14,8 | 0,18 |
| Ба ҳисоби миёна | 49,5 | 4,07 | 0,43 | 0,8 | 80,1 | 14,8 | 0,18 |
| С-9 | 55,7 | 4,8 | 0,4 | 0,9 | 74,9 | 19,0 | 0,25 |
| СУ-1 | 50,2 | 4,7 | 0,6 | 0,7 | 66,3 | 27,2 | 0,41 |
| СК-1 | 51,6 | 4,1 | 0,4 | 0,6 | 79,3 | 15,6 | 0,20 |
| СК-3 | 56,5 | 4,6 | 0,4 | 1,1 | 79,0 | 14,9 | 0,19 |
| СП-2 | 51,3 | 4,6 | 0,4 | 0,9 | 72,6 | 22,0 | 0,30 |
| Ба ҳисоби миёна | 53,1 | 4,6 | 0,44 | 0,84 | 74,4 | 19,7 | 0,26 |

Сарчашма: [2, С.18], [1,С.18] Микдори турушии ленелови нисбати турушии олейнӣ.

Дар баробари меваи тару тоза ва хушкаш, донаи он низ аҳамияти калони ғизогӣ дорад. Донаи он аз равғани баландсифат ва сафедаҳо бой буда, инчунин макро- ва микроэлементҳои барои организми инсон зарурро дорад.

Равғаннокии донаи зардолу вобаста аз навъи он 48,0- 60,4 % ташкил мекунад.

Миқдори туршиҳои равғанӣ дар таркиби донаи зардолуҳои Тоҷикистон [4].

Миқдори турушии равғани алеин дар баъзе навъхо то 81,6% ва ленолеви хос 27,2 мерасад. Махсусан турушии равғани ба сифативитамини f истифода мешавад, кимати баланд дорад. Мувофики маълумотҳои ҷадвали 5 донаи зардолу вобаста ба навъхо аз 23,1 то 31,8% сафеда дорад, аз он чумла аминокислотаҳои ивазнаша-вандаи кисмати ғизоиащон дар алохидаги нисбати этолони ФАО аз 45,5 то 110% мебошад. Микдори макро ва микроэлементхо дар таркиби донаи зардоду, вобаста аз навъи он, чунинчанд: калий 0,83-1,61%, фосфар 0,50-0,80%, магний 0,22-0,44%, сулфур 0,12-0,26%, калсий 0,1-0,36%, охан 0,003-0,007% синк-0,004-0,009% ва гайра. Дар донаи зардолу витаминҳои В1, В2, РР, В9 мавҷуд аст. Равғани аз догаи зардолу истеҳсолшавандаро дар косметика ва атторӣ васеъ истифода мебаранд. (Камолов, 2006)

**Ҷадвали 4.**

**Микдори аминокислотаҳои ивазнашаванда ва кимати ғизои сафедаи донаи зардолу [4]**

| Аминокислотахо | Микдори мекрокислотахо, г/100г сафеда | | Киматиғизои,% нисбат ба сафедахо (ФАО) | | Этолон ФАО, г/100 сафеда |
|---|---|---|---|---|---|
| | Танирёби | Ба ҳисоби миена | Танирёби | Ба ҳисоби миена | |
| Лизин | 2,5-3,1 | 2,7 | 45,5-56,4 | 49 | 5,5 |
| Треонин | 2,3-2,6 | 2,4 | 57,5-65 | 60 | 4,0 |
| Валин | 3,1-4,4 | 4,2 | 62-88 | 84 | 5,0 |
| Метионин | 0,4-0,8 | 0,6 | 11,4-22,9 | 17 | 3,5 |
| Изолейтсин | 3,3-4,6 | 3,6 | 82,5-115 | 90 | 4,0 |
| Лейтсин | 6,0-7,7 | 3,8 | 85,7-110 | 97 | 7,0 |
| Тирозин | 1,9-3,6 | 2,6 | | 120 | 6 |
| Фенилаланин | 3,6-5,0 | 4,6 | | | |
| Чамъи аминокислотаҳои ивазнашаванда | 23,1-31,8 | 27,5 | 91,7-143,3 | 79 | |

Дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз он чумла дар Тоҷикистон, аз истеъмоли мунтазами зардолуи тару тоза, хушк ва инчунин донаи он дар махалҳои алохидаи одамон бо солими ва дарозумрии худ фарк мекунанд. Гули зардолу, пӯчоқи донак ва чуби зардолу дар хоҷагии халқ аҳамияти расо калон доранд.

Яке аз усулҳои коркарди мева - ин тайёр кардани хушкмеваҳо: гулинг, аштак (меваи хушки бедона) , нонаштак, аштаки хубони, аштаки Зарафшони, хушкмева бо донаи зардолу, баргак, чапоти, дона, донақшурак мебошад.

Зардолуи бо донакаш якчоя (бутун) хушк карда , махсулоти гулингиро медихад. Баромади гулинг, вобаста аз навъ ва сифати ҳосили парваришикарда, аз 20- 40 %-ро ташкил медихад. Ин махсулотро дар хамаи минтақаҳои ҷумҳури бо усули соддаи анъанави- хушконидан дар офтоб истехсол мекунанд. Меваҳои аз дарахт чидашуда бе ягон коркарди пешаки дар замин, болои маводҳои гуногун , аз кабили матоъҳои халтаги,кох, болои санг, когаз, боми иморатхо хушк карда

мешаванд. Мавриди нигох доштани махсулоти хушк, барои ҳифзи онҳо аз хашаротҳои зарарасон аҳоли гохо хушкмеваҳоро бо пудинаи хушки майдакардашуда омехта мекунанд. Ин усул хело бо тарзҳои такмилдодашудаи хушккуни иваз карда шудааст, ки ба таври васеъ дар минтақаҳои асосии зардолупарварии ҷумҳури, алалхусус вилояти Суғд чори шуда истодааст.

Аз аввали солҳои 60- уми карни XX нисбат ба фаркияти усулҳои номбурдашуда хушккунии зардолу бо сулфур дуд доданро ба кор мебаранд, инчунин як катор чорабиниҳои дигарро мегузаронанд, аз он чумла ба навъхо чудо кардани меваҳо вобаста аз сифаташон, шустани меваҳо, буридан ё кафонидан ва чудо кардани ниммеваҳо (барои гирифтани баргак), чудо кардани донак (барои аштак), дар лаълиҳо гузоштани меваҳо, тоза кардани асбобу анчоми лозими , хушконидан то камнокии на зиёда аз 18% ва ғайра.

